Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

3 июли соли 2024 Чоршанбе № 52 (15063)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ДАР ШАҲРИ БАНДАРИИ ЛИТВА – КЛАЙПЕДА ХОНАИ САВДОИ ЎЗБЕКИСТОН КУШОДА ШУД

Дар доираи чорабинӣ ба маблағи 10,1 миллион доллар қарордоди содиротӣ ба имзо расид.

Дар маросими кушоиши он намояндагони вазоратҳо, идораҳо ва ташкилот, корхонаҳои Литва, доираҳои корчаллон ва ҷамоатӣ ширкат варзиданд.

Дар суханроniҳои табрикӣ ислоҳоте, ки дар кишвари мо татбиқ мешаванд ва натиҷаи онҳо, иқтидори иқтисодӣ, сармоявӣ ва содиротии Ўзбекистон, пешомади хонаи нави савдо дар Литва қайд карда шуданд.

Раиси кумитаи Сейми Литва оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Казис Старкиявичюс дар суханронии худ таъкид намуд, ки Ўзбекистонро дар Литва ба сифати яке аз кишварҳои калидии минтақа мешиносанд ва аз рушди минбаъдаи муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ манфиатдор мебошанд. Бинобар суханони ў, кушода шудани хонаи савдо ба минбаъд афзудани ҳаҷми савдои Ўзбекистон нафақат бо Литва, балки бо дигар кишварҳои аврупоӣ хидмат хоҳад кард.

Ҳамраиси Шўрои соҳибкории ўзбекистониву литвагӣ Албертас Ситавичюс зикр намуд, ки хонаи савдои Ўзбекистон дар бузургтарин шаҳри бандарии Наздибалтика имкон медиҳад ҳам ҷуғрофияи содиротии маҳсулоти Ўзбекистон васеъ шавад, ҳам рағбати ширкатҳои логистикии Литва ба ҳамкорӣ бо маҷмӯи навтаъсиси савдо афзояд.

Иштирокдорон қайд намуданд, ки аз тариқи ин хонаи савдо Ўзбекистон ба тоҷирон бобати барқарор намудани муносибатҳои тарафайни ҳамкорӣ бо корхонаҳои азими истеҳсоливу саноатии Литва, зиёд кардани содироти маҳсулоти миллӣ ва ҷалби сармоягузорон ба Ўзбекистон кумаки амалӣ расонда метавонад.

Дар доираи чорабинӣ қарордоҳои содиротӣ ба маблағи 10,1 миллион доллари ИМА имзо гардиданд.

Палатаи савдову саноати Ўзбекистон ва ширкати «Ўзтерминал»-и Литва, ки дар бандаргоҳи давлатии Клайпедаи ҳудуди ширкати бузургтарини логистикии «ВЕГА»-и он ҷойгир аст, муассисони хонаи савдо гардиданд. Бояд таъкид сохт, ки алҳол ба воситаи бандари мазкур ба тамоми кишварҳои ҷаҳон аз тариқи роҳҳои баҳрӣ ва рӯйизаминӣ борҳо фиристода мешаванд. Иқтидори солонаи бандар 70 миллион тонна борро ташкил медиҳад.

Хотиррасон менамоем, ки ин дувумин хонаи савдои Ўзбекистон дар Литва мебошад. Моҳи июни соли 2023 дар шаҳри Вилнюс хонаи савдои Ўзбекистон кушода шуда буд.

АИ «Дунё»,
шаҳри Клайпеда.

ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР ЧОРАБИНИҲОИ НИШАСТИ СҲШ ИШТИРОК МЕКУНАД

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев 3-4 июл бо сафари корӣ ба шаҳри Остона барои иштирок дар ҷамъомади навбатии Шўрои сарони давлатҳои Созмони ҳамкории Шанхай ва мулоқот дар формати «СҲШ плюс» ташриф меорад.

Аз рўзномаи нишаст масъалаҳои мубрами рушди минбаъдаи ҳамкории бисёрҷанба дар чаҳорчўби СҲШ ва такмил додани фаъолияти Созмон ҷой гирифтаанд. Инчунин, мушкилоти ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ баррасӣ хоҳанд шуд.

Дар ҷамъбасти нишаст қабули Эъломияи Остона ва бастаи ҳуҷҷатҳо оид ба густариши шарикӣ дар соҳаҳои иқтисод, амният, экология, энергетика, сайёҳӣ ва бисёр дигар самтҳо дар назар аст.

Дар чаҳорчўби барномаи будубош роҳбари Ўзбекистон инчунин бо сарони ҳайатҳои вакилони хориҷӣ як қатор мулоқотҳои дуҷониба анҷом медиҳад.

ЎзА.

Ҳафтаи гузашта омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷики вилоят курси такмили ихтисосро паси сар карданд. Дар ин муддат шоир Абдулло Субҳон аз фанни адабиёт ба омӯзгорон сабақ дод, ки манзури аҳли шогирдон гардид. Оиди шеър ва аҳамияти он, луғатомӯзӣ, шарҳи байтҳои ҷудогона, истифодаи санъатҳои бадеӣ, истифода аз методҳои замонавӣ дар дарсҳои забон ва адабиёт, кор аз рӯйи насри классикӣ саволу ҷавоб ва суҳбатҳо ташкил карда шуд.

ВОХЎРИИ ДЕПУТАТ БО ОМӮЗГОРОНИ БОЗОМӮЗ

Ғайр аз ин, омӯзгорон аз дарсҳои тарбия ва методикаи он соҳиби навигариҳои замонавӣ гардиданд. Вохўрӣ бо депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис Таваккал Чориев омӯзгоронро шод намуд. Ў солҳост, ки бо китобҳои дарсӣ сарукор дорад. Т. Чориев ёдовар намуд, ки сарвари давлатамон борҳо ин нуктаро хотиррасон менамояд: «Бе таълиму тарбия ҷамъият инкишоф намеёбад». Аз ин рӯ солҳост, ки аз рӯйи омӯзиши таҷрибаи пешқадами дигар давлатҳо тартиб додани китобҳои дарсӣ бо хусусиятҳои миллӣ ба роҳ монда шудааст. Албатта, ҳоло ин корҳо барои таҷриба роҳандозӣ мегарданд.

Дар вохўрӣ оиди омӯзгор ва салоҳияти он, забондон будани он, кор бо воситаҳои аёнӣ, муносибати волидайну омӯзгор, таҳрири нави сарқонун ва аҳамияти он гуфтугузор шуд, ки Чориев бобати ҳар яки он батафсил маълумот дод.

Ба масъалаи мақоми омӯзгор ва қонун дар бораи он эътибори алоҳида нигаронида шуд. Дар поёни вохўрӣ омӯзгорон ба саволҳои худ, аз қабили: Барои чӣ соатҳои дарсӣ кам? Мавзўъҳои китобҳои дарсӣ аз чӣ сабаб мувофиқи фан не? Супориҳо ва талаботи матнҳо барои чӣ нофаҳмо? ва ғайра ҷавоб гирифтанд. Вохўрӣ бамаврид буд ва хотирмон гузашт, ки бозомӯзон миннатдорӣ баён намуданд.

Содиқ СУЛАЙМОНӢ,
бозомӯзи Институти такмили ихтисоси муаллимони фанҳои забон ва адабиёти тоҷики вилояти Тошканд.

СОЛИ ОЯНДА ДАР САМАРҚАНД АНҶУМАНИ «UN PUBLIC SERVICE FORUM 2025» БАРГУЗОР МЕШАВАД

Ҳайати Ўзбекистон бо роҳбарии вазири технологияҳои рақамӣ Шерзод Шерматов дар анҷумани «Un rublic service forum 2025», ки 24-26 июн дар Куриёи Ҷанубӣ баргузор шуд, ширкат ҷуст.

Дар анҷуман роҳбари Департаменти оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ (UNDESA) – муовини котиби генералии СММ Ли Сзянхуа иттилоъ дод, ки соли 2025-ум анҷумани байналхалқии мазкур дар Самарқанд баргузор хоҳад шуд.

Роҳбари ҳайати Ўзбекистон дар анҷуман сухан ронда, таъкид намуд, ки чорабинӣ дар Самарқанд дар сатҳи баланд ташкил хоҳад шуд, ў иштирокдоронро ба ин шаҳри таърихӣ даъват кард.

Дар ҷараёни сафари корӣ ба Куриёи Ҷанубӣ Шерзод Шерматов бо роҳбари UNDESA – муовини котиби генералии СММ Ли Сзянхуа мулоқоти дуҷониба баргузор намуд. Намояндаи СММ ба рушди соҳаи ҳукумати электронӣ дар кишвари мо ва ислоҳоте, ки татбиқ мешаванд, ҳамчунин саъю кўшишҳо бобати баланд бардоштани мақоми Ўзбекистон дар рейтинги рушди ҳукумати электронии СММ то соли 2030-юм баҳои баланд дод. Вай баргузор намудани «Un public service forum 2025»-ро соли 2025-ум дар Самарқанд табрик гуфт ва бобати дар сатҳи олӣ ташкил намудани чорабинӣ тавсияҳои худро пешниҳод кард.

Ҷонибҳо бинобар масъалаҳои беҳтар кардани инфрасохтори ТИК, беш аз беш беҳсозии мавқеи Ўзбекистон дар рейтинги ҳукумати электронӣ, идома додани ҳамкориҳои дарозмуҳлат ва минбаъд баланд бардоштани мақоми ҷавонон дар соҳаи IT мубодилаи афкор карданд.

АИ «Дунё»,
шаҳри Сеул.

ЎЗБЕКИСТОН ДАР АРСАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БА ИШТИРОКЧИИ БОНУФУЗТАРИН ТАБДИЛ МЕЁБАД

КОРШИНОСОНИ ХОРИҶӢ ДАР БОРАИ НАТИҶАҲОИ САФАРИ РАСМИИ КОТИБИ ГЕНЕРАЛИИ СММ БА ЎЗБЕКИСТОН ВА МУЗОКИРОТИ САТҲИ ОЛӢ ДАР ТОШКАНД

Аз 30 июн то 1 июл Котиби генералии Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гутерриш бо сафари расмӣ дар Ўзбекистон шуд.

Парерўз Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев Котиби генералии Созмони Милали Муттаҳидро, ки бори дуюм (2017) ба кишвари мо ташриф овардааст, ба ҳузур пазируфт. Дар рафти музокирот масъалаҳои таъмини сулҳи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, субот ва рушди устувор, тавсеаи минбаъдаи ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Ўзбекистон ва СММ, рафти татбиқи лоиҳаҳои муштарак барои ноил шудан ба Мақсадҳои рушди устувор мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Антониу Гутерриш барои тарғиби ҳамбастагӣ ва ваҳдат дар ҷаҳон, баланд бардоштани самрабахшии фаъолияти созмон, инчунин таҳкими ҳамкорӣ байни кишварамон ва СММ бо яке аз мукофотҳои олии давлатии Ўзбекистон – ордени «Олий Даражали Дўстлик» сарфароз гардонда шуд.

Натиҷаи муҳими мулоқот созишнома дар бораи коркарди муштараки барномаи чаҳорчўбаи ҳамкорӣ бо СММ ба Мақсади рушди устувори Ўзбекистон барои солҳои 2026-2030 гардид.

Антониу Гутерриш дар мусоҳиба бо АИ «Дунё» дар арафаи сафари худ ба Ўзбекистон таъкид кард, ки СММ интизори таҳкими ҳамкорӣ бо Ўзбекистон барои мусоидат ба сулҳу амният, рушди устувор ва ҳуқуқи инсон аст.

Бинобар ақидаи коршиносони байналмилалӣ, ба Ўзбекистон СММ ҳамчун иштирокчии фаъол ва ташаббускори ҷустуҷў ва ноил шудан ба роҳҳои муҳими ҳалли мушкилоти доғи ҷомеаи ҷаҳонӣ баҳо медиҳад.

Роҳбари Академияи байналмилалии технология, маориф ва илмҳои гуманитарии Испания Хосе Ойо Родриго:

– Сафар барои сиёсати хориҷии Ўзбекистон руйдоди муҳим ба ҳисоб меравад.

Дар айни ҳол Ўзбекистон дар фаъолияти СММ, муассисаҳои махсуси он, ба мисли СУТ, СБМ, ЮНЕСКО, ФАО, СБМ, Бонки ҷаҳонӣ, МАГАТЭ ва дигар фаъолона иштирок мекунад.

Ташаббусҳои роҳбарияти Ўзбекистонро, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ пазируфта мешаванд, махсусан қайд мекунам. Танҳо дар солҳои охир бо ташаббуси ҷониби Ўзбекистон 10 резолютсияи махсуси Ассамблеяи генералии СММ қабул гардида, 140 барнома ва лоиҳаҳои муштарак бомуваффақият амалӣ мегарданд. Ҳамаи ин аз сатҳи баланди эътимод ва эътирофи Ўзбекистон дар арсаи байналмилалӣ шаҳодат медиҳад.

Сафари Котиби генералии СММ қадами муҳим барои таҳким ва густариши ҳамкориҳои бисёрҷанбаи Ўзбекистон бо СММ ва ниҳодҳои он мебошад. Антониу Гутерриш дар ҷараёни боздидаш ба ўҳдадориҳои Ўзбекистон ба Мақсадҳои рушди устувор, ки дар Стратегияи «Ўзбекистон – 2030» инъикос ёфтааст, инчунин пешрафт дар соҳаҳои ҳуқуқи инсон, баробарии гендерӣ, васеъ гардондани ҳуқуқи занон, рушди «сабз», мубориза бо коррупсия ва волияти қонун баҳои баланд дод.

Бар замми ин, ташрифи Антониу Гутерриш ба объектҳои саноатӣ ва иҷтимоии Ўзбекистон имконияти намоиш додани комёбиҳои кишвар дар солҳои мухталиф, инчунин муайян намудани роҳҳои имконпазири ҳамкории минбаъда ва дастгириро аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ фароҳам меорад.

Умуман, сафари Антониу Гутерриш дар рушди муносибатҳои Ўзбекистон ва СММ марҳилаи муҳим буда, натиҷаҳои музокироти олӣ самараҳои мушаххас оварда, ба рушди минбаъдаи кишвар мусоидат хоҳад кард.

Муовини директори Донишкадаи Осиё ва Аврупои назди Донишгоҳи Малая Рой Энтони Родҷерс (Малайзия):

– Ин як рўйдоди муҳимест, ки бешубҳа ҳамкориҳои гуногунҷанбаи давлатро бо ин созмон ба сатҳи комилан нав боло мебарад.

Дар ҳақиқат, дар тўли солҳои охир Ўзбекистон дар майдончаҳои байналмилалӣ, аз он ҷумла, СММ фаъолнокӣ нишон дода, дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ ва дастгирии сулҳу амнияти байналмилалӣ ҳиссаи худро мегузорад.

Соли ҷорӣ ба таркиби мақомоти муҳим ва бонуфузи СММ – Кумитаи оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2025-2028, Шўрои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ (ЭКОСОС) барои солҳои 2025-2027, инчунин Шўрои маъмурии Созмони байналмилалии меҳнат интихоб шудани Ўзбекистон аз ин далолат медиҳад.

Ин дастовардҳо, бешубҳа эътирофи васеъ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ва кишварҳои узви Созмони Милали Муттаҳид аз ислоҳоти пешқадам, ки таҳти роҳбарии роҳбари Ўзбекистон гузаронда мешавад, шаҳодат медиҳанд.

Боварӣ дорам, ки музокироти сатҳи олӣ ва тавофуқоти ҳосилшуда ба таҳкими равобити дипломатӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои нав барои кори муштарак, ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мушкилоти минтақавӣ, аз ҷумла, фоҷиаи Баҳри Арал ва дастгирии ислоҳоте, ки дар кишвар дар соҳаи беҳдошти вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, таъмини ҳуқуқи инсон, мубориза бо коррупсия ва дигар соҳаҳо гузаронда мешавад, мусоидат мекунанд.

Бовар дорам, ки Ўзбекистон бори дигар содиқ будани худро барои ноил гардидан ба Мақсадҳои рушди устувори СММ тасдиқ кард ва омодагии худро барои расондани кумак дар татбиқи ин ҳадафҳо таъкид кард. Зеро ҳадафу вазифаҳое, ки кишвар дар Стратегияи «Ўзбекистон –2030» дар назди худ гузоштааст, бо Мақсадҳои рушди устувори Созмони Миллали Муттаҳид, ки дар Ҳамоиши ҳазорсола қабул шудаанд, ҳамоҳанг аст.

Корманди илмии Донишкадаи Чин ва Осиёи муосири Академияи илмҳои Русия Адександра Перминова:

– Ўзбекистон дар сафари Котиби генералии СММ Антониу Гутерриш аввалин кишваре шуд, тавре қаблан дар расонаҳо изҳор гардид, бояд баъд ба Қирғизистон, Қазоқистон, Тоҷикистон ва Туркманистон сафар кунад.

(Давомаш дар саҳ.2).

ИСТЕҲСОЛ ВА ЭКСПОРТИ ПОЙАФЗОРИ ЧАРМӢ ДАР ДЕҲНАВ

Дар вилояти Сурхондарё маҳсулоте, ки аз ҷониби ҶММ «Деҳнав – Равнақ – Камоли» истеҳсол мегардад, на танҳо бозори дохилиро бо маҳсулоти босифати пойафзори чармӣ таъмин месозад, балки ба кишварҳои ҳамҷавор низ экспорт карда мешавад. Дар чоряки аввали соли ҷорӣ дар ноҳияи Деҳнав агар зиёда аз 228 миллиард сўм маҳсулоти саноатӣ истеҳсол гардида, беш аз 5 миллиону 730 ҳазор доллар маҳсулот экспорт шуда бошад, дар он саҳми корхонаи мазкур низ беқиёс аст.

Ноҳияи Деҳнав баъд аз шаҳри Тирмиз дувумин минтақае мебошад, ки дар он саноат рушд карда, ҳаҷми истеҳсолот ва содироти маҳсулот сол то сол меафзояд. Ин аз як тараф эътибору ғамхории ҳукумат ба тадбиркорон бошад, аз тарафи дигар аз имкониятҳои мавҷуд фаровон ва самаранок истифода бурдани худи соҳибкорон аст. Зеро замона талаб мекунад, ки тадбиркор навҷўву навовар бошад, то ки ривоҷу равнақи истеҳсолоти хешро таъмин созад.

Дар ноҳияи Деҳнав корхонаи ҶММ «Деҳнав – Равнақ – Камоли» зиёда аз 10 сол мешавад, ки бо истеҳсоли маҳсулоти пойафзор шуғл меварзад. Вале панҷ сол қабл аз ин баъди аз хориҷ оварда насб кардани дастгоҳҳои замонавӣ кор ранги дигар гирифт, ҳам ҳаҷми истеҳсолот афзуду ҳам сифати маҳсулот боло рафт. Дар натиҷа маҳсулоти истеҳсолкардаи корхона баробари бозоргир буданаш дар дохили кишвар ба хориҷи кишвар низ экспорт мекардагӣ шуд.

– Замони навҷўиву навоварӣ фаро расид, – мегўяд роҳбари корхона Ҳабибулло Муродов. – Монеаҳое, ки 7-8 сол муқаддам барои тадбиркорон мавҷуд буд, ҳоло рафъ гардидааст. Зеро худи Президенти муҳтарам тадбиркоронро дастгирӣ карда истодааанд. Агар ба муаммое дучор шавем худи раҳбарону мутасаддиён дар ҳалли мушкилот кумаки амалӣ мерасонанд. Инро дар мисоли корхонаи худ ҳам метавон арзёбӣ кард. Масалан, агар пеш мо аксари корҳоро дастӣ иҷро карда бошем, онро ҳоло тавассути дастгоҳҳои замонавӣ иҷро мекунем, ки он ҳам ба ҳаҷм ва ҳам ба сифат таъсири намоён мерасонад. Қаблан агар хоҳем ҳам ин имкониятҳоро барои мон фароҳам оварда наметавонистем. Зеро монеагиҳо бисёр буданд. Ҳоло бошад, айни кор кардану худро нишон додан аст.

Баъди насб кардани дастгоҳҳои замонавӣ фаъолияти корхона вусъат ёфт. Дар айни замон беш аз 30 нафар коркун дар корхона меҳнат намуда, ҳар рўз беш аз 100 ҷуфт пойафзори босифати гуногунандозаву гуногунмўд истеҳсол мекунад. Дар айни ҳол аз маҳсулоти истеҳсолкардаи солонаи корхона зиёда аз 7 ҳазор ҷуфт пойафзор мувофиқи супориши мизоҷон ба хориҷи кишвар содир карда мешавад. Боқимондаи он дар бозорҳои дохилии кишвар ба фурўш мераванд. Корхона ҳаҷми истеҳсолотро боз ҳам васеъ намуда, дар пайи зиёд кардани ҷойи корӣ мебошад.

Маҳсулоти корхона ба Тоҷикистон ва Туркманистон содир карда мешавад ва Афғонистон низ хоҳиши харидорӣ кардани маҳсулоти корхонаро роҳандозӣ карданист.

Олим ПАНҶИЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.

ДАР «ТЎДАКЎЛ» МАВСИМИ ИСТИРОҲАТИИ ТОБИСТОНА ОҒОЗ ЁФТ

Дар ноҳияи Қизилтепаи вилояти Навоӣ истироҳатгоҳи «Тўдакўл» мавсими «Тобистони 2024»-и худро бо хидмат ва қиёфаи нав оғоз намуд. Муассиса дар тасарруфи «Бунёди КМКН» қарор дошта, 20 гектар заминро дар бар мегирад.

Истироҳатгоҳ соли 2023 аз тармими пурра бароварда шуд. Дар меҳмонхона ва коттеҷи дорои 270 ҷой барои истироҳаткунандагон ҳамаи шароити замонавӣ фароҳам оварда шудааст.

Ташрифовардагон баробари баҳраманд гардидан аз зебоиҳои табиат бо қабул кардани ванна ва парҳези махсус метавонанд саломатии худро барқарор намоянд. Барои дўстдорони варзиш низ имкониятҳо фароҳам аст.

Мавсим то 6 сентябр давом дорад.

Дар сурат: *дар истироҳатгоҳи тобистонаи «Тўдакўл».*

Суратгир:
С. АСЛОНОВ (ЎзА).

Ўзбекистон ва ҷаҳон

ҲАМКОРӢ ДАВОМ МЕКУНАД

Чин яке аз мамлакатҳои калонтарини ҷаҳон ба шумор меравад. Солҳои охир давлатамон бо ин мамлакат дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ҳамкории самаранокро ба роҳ монда, комёбиҳои назаррасро ба даст меорад. Дар Ўзбекистон, хусусан дар вилояти Намангон бо иштироки сармоягузорони Чин шумораи корхонаҳои муштарак сол то сол меафзояд. Ҳоло дар вилоят қариб 70 корхонаи Чин фаъолият дорад.

Чанде пеш ҳокими вилоят Шавкат Абдураззоқов дар сафоратхонаи Ўзбекистон дар шаҳри Пекин бо роҳбарони ширкатҳои номдор ва соҳибкорони маҳаллӣ вохўрд.

Дар бораи сохтмоне, ки дар шаҳрчаи Янги Намангон бунёд мегардад, аз тарафи ширкати «Nantong Sijian Construction Group Co. Ltd» барои сохтмон ба миқдори 650 млн. доллар маблағ сарф мешавад, шартнома ба имзо расид.

Дар шаҳри Тайчжоуи музофоти Жежианг бизнес-форуми Тайчжоу – Намангон баргузор гардид ва дар ин озмун аз 100 нафар зиёд тадбиркорон иштирок намуданд. Дар соҳаи сохтмон, хоҷагии кишоварзӣ ва дастгоҳсозӣ 3-то лоиҳаро, ки 300 млн. доллар маблағ сарф кардан мумкин аст, имзо карданд.

Дар доираи форум барои ривоҷу равнақи минбаъдаи вилояти Намангон ба тадбиркорон ва инвесторон, ки шароитҳо фароҳам оварда шудааст, тақдимот гузаронида шуд. Инвестори тайчжоуӣ Ли Фу, ки дар навбати худ иштирокчиёнро бо лоиҳаи худ шинос кард, дар ин бора дар Намангон шахсан бо Президент Шавкат Мирзиёев, ки соли ҷорӣ дар моҳи март ба Намангон омада буд, вохўрда будааст, фикрҳои худро баён кард. Дар охири форум сармоягузорони тайчжоӣ бо ҳокими вилояти Намангон дар бораи тадбиркорӣ мулоқоти самимӣ карданд ва ба саволҳо ҷавоб гирифтанд.

Аъзои намояндагӣ дар корпоратсияи «Hua Hai Pharmaceutikal» бо фаъолияти корхона шинос шуд. Корхона асосан маҳсулоти дорувори ихтисосонидашуда истеҳсол мекунад. Дар вақти мулоқот роҳбарон оиди таъсиси корхонаҳои муштараки истеҳсоли маҳсулоти доруворӣ гуфтушунидҳо ба сомон расониданд. Аз ҷумла, ҳар ду ҷониб дар ин мулоқоти самимӣ дар бораи маҳаллигардонии истеҳсоли дорувории зидди вирусҳои гуногуни пешбинишуда ва таъсиси корхонаҳои истеҳсоли чунин воситаҳо дар ҳудуди минтақаи хурди саноатии «Косонсой Фарм» ба як қарор омаданд.

Вохўриҳои амалии ҳокими вилоят дар шаҳри Урумчӣ ва Чуанджо низ баргузор гардид ва дар ин форум лоиҳаҳои гуногун, ки 200 млн. доллар маблағ сарф мешавад, имзо шуд.

Сафари навбатӣ ба шаҳри Тианжин, ки дар музофоти Шандонг ҷойгир аст, шуд. Дар ин ҷо меҳмонон бо фаъолияти компанияи «Tianjin Donxin Flowers Co. Ltd « шинос шуданд. Корхона асосан бо гулпарварӣ ва экспорти он машғул мешавад. Ширкат соли 1991 ташкил шуда, дар 570 гектар майдон гулҳои рангоранг парвариш мекунанд. Дар 600 ҳазор метри мураббаъ гармхона лотус, нахли сурх, таро, оловқуш, банан, катюша барин навъҳои ноёбро рўёнда, ба якчанд мамлакат экспорт мекунанд.

Роҳбарон дар бораи фестивали байналхалқии «Иди гул», ки дар Намангон баргузор гардид, низ суҳбат оростанд. Зимни мулоқот ба хулосаи омаданд, ки дар оянда ҳамкориро мустаҳкам намуда, таҷриба андўзанд ва дар фестивал иштирок кунанд.

Бояд эътироф намуд, ташкили корхонаҳои муштараки саноатӣ натанҳо боиси мустаҳкамшавии риштаҳои дўстиву ҳамкории тарафайн, балки дар беҳтаргардонии таъмини эҳтиёҷи рўзафзуни аҳолӣ ба маҳсулоти саноатӣ ва ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави корӣ нақши муҳим мебозад.

Шоҳида ДАМИНОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Намангон.

Дар ноҳияи Қарокўли вилояти Бухоро таҳти роҳбарии ҷонишини ҳокими вилоят Ботир Аҳмедов оиди афзун гардондани самаранокии корҳои ҳафт корманди маҳалла ва роҳбарони секторҳои ноҳия семинар баргузор гардид.

СЕМИНАР ОИДИ САМАРАНОКИИ КОР

Дар он ректори Академияи идораи давлатии назди Президент Адҳам Бекмуродов, инчунин Агентии рушди хидмати давлатӣ, Садорати вилоятии Иттиҳоди маҳаллаҳои Ўзбекистон, ҳокими ноҳия, роҳбарони секторҳо, «ҳафтгона»-и ҳамаи 50-то маҳаллаҳои ноҳия иштирок карданд.

Дар семинар бобати бартараф намудани масъалаҳое, ки ба кайфияти аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонанд, дуруст ташкил кардани ҳамкориҳои байни «ҳафтгона»-и маҳалла бо намояндаи ба маҳалла вобастагардидаи бонк, буҷаи маҳалла ва истифодабарии оқилона аз он ба масъулон тавсияю маслиҳатҳо дода шуд.

Дар тадбир инчунин вазифаҳои «ҳафт корманди маҳалла» оиди ҳосил кардани «Таҷрибаи Бухоро» бобати ба ҳудуди аз камбағалӣ, бекорӣ ва ҷиноят холӣ табдил додани вилоят муфассал маънидод гардид.

А.АВЕЗОВ,
мухбири «Овози тоҷик»
дар вилояти Бухоро.

ЎЗБЕКИСТОН ДАР АРСАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БА ИШТИРОКЧИИ БОНУФУЗТАРИН ТАБДИЛ МЕЁБАД

⇦ (Аввалаш дар саҳ.1).

Ўзбекистон имрўз яке аз давлатҳои фаъол ривоҷёфтаистодаи Авруосиё буда, кишвар дар арсаи байналмилалӣ ба бозингари бонуфуз табдил меёбад, аз он ҷумла дар чаҳорчўби СММ оид ба барқарор намудани минтақаи Арал, ҳамкории давлатҳо дар Осиёи Марказӣ, муколама бо Афғонистон ташаббусҳои мухталиф пеш мегузорад.

Таъкид кардан ҷоиз аст, ки яке аз санаҳои муҳими боздиди Антониу Гутерриш аз Осиёи Марказӣ нишасти сарони СҲШ мебошад, ки дар Остона баргузор мегардад. Имрўз барои СММ таҳкими муколама бо созмони ҳамкории Шанхай яке аз авлавиятҳост. Зеро ба гуфтаи худи Антониу Гутерриш дар шароити нооромиҳои ҷаҳонӣ маҳз «ташкилотҳои минтақавӣ метавонанд мушкилотеро ҳал кунанд, ки аз қудрати СММ берунанд».

Ўзбекистон яке аз муҳаррикҳои СҲШ мебошад, қароргоҳи Сохтори минтақавии зиддитеррористии Созмони ҳамкории Шанхай дар Тошканд ҷойгир аст ва дар аввали моҳи июни соли 2024 дар пойтахти Ўзбекистон коршиносони ҷаласаи XIX форуми СҲШ гирди ҳам омада буданд.

Дастовардҳои беназир дар муколама бо ҳукумати муваққатии Афғонистон, мавқеи марказии ҷуғрофии он дар Осиёи Марказӣ ва омодагии он ба равишҳои нав барои таъмини амнияти озуқаворӣ, энергетикӣ ва обӣ Ўзбекистонро муҳимтарин иштирокчии СҲШ мегардонад ва дар байни кишварҳои ҷаҳон таваҷҷуҳи зиёд ба бор меорад.

Сиёсатшиноси қирғиз, роҳбари Маркази ташаббусҳои коршиносии «Ой Ордо» Игор Шестаков:

– Сафари котиби генералии СММ ба кишварҳои Осиёи Марказӣ далели он аст, ки минтақаи мо барои чунин созмон дар миқёси сайёра маҳалли ғайримарказӣ набуда, балки ҳамчун қаламрави аз ҷиҳати стратегӣ муҳим ва ояндадор пазируфта мешавад.

Мавриди зикр аст, ки Антониу Гутерриш сафари худро маҳз аз Ўзбекистон, давлате, ки дар кори СММ ва пешбурди ташаббусҳои муҳим дар арсаи ҷаҳонӣ фаъолона иштирок мекунад, оғоз намуд.

Аз забони Президент Шавкат Мирзиёев дар сессияҳои Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид пешниҳодҳои ҷорӣ оид ба ҳаллӣ мушкилоти глобалии марбут ва ҳифзи муҳити зист, тағйирёбии иқлим, мубориза бо камбизоатӣ, иқтисодиёти «сабз», кор бо ҷавонон садо медиҳанд.

Ба ин муносибат бо боварӣ метавон гуфт, ки Ўзбекистон дар пешбурди резолютсияи мухталифи СММ ва дастгирии барномаҳои соҳавии он дар Осиёи Марказӣ ба кишвари пешво табдил ёфт.

АИ «Дунё».

Дар ноҳияи Уйчӣ бинои нави муассисаи томактабии давлатии рақами 29, ки дорои 120 ҷой мебошад, ба истифода супурда шуд. Шароитҳои бинои аввалаи он, ки соли 1965 сохта шуда буд, ба талаб ҷавоб намедод.

МУАССИСАИ КЎҲНА НАВ ШУД

Дар маскани тарбия хонаҳои махсуси таълимӣ, таҷҳизоти заруриӣ ва воситаҳои техникии замонавӣ ба наврасон хизмат мекунад.

Барои таъмири биноҳои муассиса 4,8 миллиард сўм маблағ сарф шуд, ки дар он фарзандони маҳаллаҳои Файзиобод, Хўҷаобод, Гумбаз ва Оқтош тарбия мегиранд.

Мураббиёни бомалака бо бачагон машғулотҳоро бо усулҳои интерфаъол, ки ба ташаккул додани тарзи ҳаёти солим ва баланд бардоштани салоҳияти зеҳнии онҳо нигаронида шудааст, дар шароитҳои замонавӣ давом медиҳанд.

Шоҳида ДАМИНОВА,
мухбири «Овози тоҷик»
дар вилояти Намангон.

Ҷашнвораи байналхалқии гул, ки соли ҷорӣ 63-юмин маротиба баргузор гардид, ба «варақаи боздид»-и ба худ хоси Намангон табдил ёфтааст.

Ба иди гулҳо дар давоми чил рўз миллионҳо нафар ҳамдиёрону сайёҳони хориҷӣ барои тамошои гулҳои рангоранг ташриф оварда, завқи маънавӣ бардоштанд.

Дар амфитеатри тобистонаи «Истироҳатгоҳи Ўзбекистони Нав»-и ноҳияи Давлатобод маросими пўшидашавии ин ҷашнвора баргузор гардид. Дар он ҳунарпешагони номиву устодони санъат бо савту суруду ҳое, ки зебоии диёр, ҳамдўстиву рафоқатро васф менамояд, иштирок карданд. Дар маросим ғолибони ҷашнвора тақдиронида шуданд.

Дар сурат: *дар маросими пўшидашавии ҷашнвораи иди гул.*

Аксбардор: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).

ХАБАРҲО

ТАРҒИБИ МАЗМУНУ МОҲИЯТИ СТРАТЕГИЯ

Стратегияи «Ўзбекистон–2030»-ро сарнақшаи муҳими иқтисодиву сиёсии мамлакат номем хато намекунем. Самтҳои он, дар навбати аввал, ба офаридани шароитҳои мусоид дар роҳи ба амал баровардани салоҳияти инсон, таъмини фаровонии ҳаёти вай, сарфаи захираҳои об ва ҳифзи муҳити гирду атроф, таъмини устувории қонун, ташкили идоракунии давлатие, ки дар хидмати халқ аст, ба мамлакати бехавф ва сулҳпарвар табдил додани диёри озоди мо нигаронида шудааанд.

Дар доираи 5 самти стратегия фарогири бештар аз сад мақсад буда, яке аз вазифаҳои муҳим, айни замон, тарғиби мазмуну мундариҷаи ин ҳуҷҷати муҳими давлатӣ мебошад.

Корҳои фаҳмондадиҳӣ тавассути алоқаи видеоконфронс низ ба амал бароварда мешаванд. Ин гуна чорабинӣ аз ҷониби Вазорати саноати кўҳу кон ва геология бо савияи баланд ташкил гашт. Дар он роҳбарон ва ходимони корхонаҳои тасарруфи вазорати мазкур, масъулони студияи КД «Навоиуран», муҳандисон-техникҳои идораи кони «Зафаробод» иштирок намуданд. Маърўзаи мудири шуъбаи мониторинг ва таҳлили ислоҳоти соҳаи иқтисодии Маркази «Стратегияи рушд» Фурқат Юнусов шунида шуд. Аз рўи ҳар як самти устувори дар Стратегия тарҳёфта баромад ва суолу ҷавобҳо ба амал омад. Дар ҷамъбасти чорабинӣ видеоролике намоиш дода шуд, ки мазмуну моҳияти Стратегияро дар худ мучассам сохтааст.

КОМЁБИИ МАКТАБИЁНИ МО ДАР ЧИН

Мактаббачагони ўзбекистонӣ дар зўрозмоиҳои илмии дарачаи ҷаҳонӣ ба комёбиҳо ноил мешаванд. Чунончи, ҷамоаи яккачини Ўзбекистон дар мусобиқаи зеҳние, ки аз рўйи фанни математика дар Чин ба амал омад, ба комёбии навбатӣ даст ёфт.

Олимпиада, ки дар шаҳри Пекин 15 июн сар шуда буд, 3 июл ба поён расид. Дар он аз 31 мамлакат наздик 340 нафар аъзои ҷамоаҳои яккачин ва тренерҳо иштирок намуданд.

Чорабинӣ, ки бо унвони «Дувумин фароғатгоҳи байналхалқии тобистонаи математикӣ-2024» унвон дорад, ба ташаббуси Чин бори дувум сурат мегирад.

Барои маълумот илова карданием, 11-22 июл дар шаҳри Боти Англия «65-умин Олимпиадаи байналхалқии математикӣ» рўйи кор хоҳад омад. Олимпиада дар Чин қабл аз олимпиадае, ки дар Бот баргузор мегардад, нақши мактаби бузурги санҷиширо барои намояндагон аз Ўзбекистон низ бозид, ки ба гирифтани якчанд медали нукраву биринҷӣ муваффақ шуданд.

М. ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

ҒОЛИБОНИ ҶАШНВОРА ЭЪЛОН ГАРДИД

Тавре ки хабар дода будем, аз 27 то 30 июни соли равон дар ноҳияи Зомини вилояти Ҷиззах таҳти сарпарастии ЮНЕСКО ва АСЕСКО ҷашнвораи дуюми байналмилалии мақом баргузор гардид. Ёдовар мешавем, ки Ҷашнвораи байналмилалии санъати мақом маҳз бо ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев рўи кор омада, ҳадаф аз роҳандозии он ҳифзи мусиқии анъанавӣ, мусоидат ба муколамаи байни фарҳангҳо, нигаҳдорӣ ва рушди гуногунии фарҳангӣ ва амсоли он мебошад.

Ҷашнвора бо он бошукўҳ ва қобили эътироф буд, ки дар он Симона-Мирела Микулеску, дабири кулли конференсияи ЮНЕСКО; Анор Каримов, муовини дабири кулли Созмони ҷаҳонии ислом оид ба маориф, илм ва фарҳанг (ISESCO); Султон Раиф, дабири кулли Созмони байналмилалии фарҳанги ҷаҳони турк; Меҳмет Сурайё Эр, раиси Конфронси генералии ЮНЕСКО, Ассамблеяи парлумонии ҷаҳони турк, Мун Хёнг Сук, дабири кулли Минтақаи осиёии Созмони байналмилалии фолклор ва як қатор вазирон ва ноибони вазири фарҳанг, иттилоот, варзиш ва сиёсати ҷавонони кишварҳои мухталиф ширкат намуданд.

30 июн ҳайати байналмилалии иборат аз ҳафт кишвар – ИМА, Озарбойҷон, Миср, Туркия, Ўзбекистон ва Ҳиндустон таҳти раёсати Ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон Абдувалӣ Абдурашидов аз миёни 95 мақомхони беҳтарини 16 кишвар (Озарбойҷон, Қирғизистон, Чин, Марокаш, Туркманистон, Урдун, Ҷопон, Тоҷикистон, Эрон, Тунис, Ҳиндустон, Миср, Индонезия, Туркия, Қатар, Ўзбекистон) ғолибони ҷашнвораро эълон карданд.

Аз рўи номинатсияи «Беҳтарин сароянда ва мақом» сароянда ҳои ансамбли мақоми ба номи Юнус Рачабӣ Адолат Исмоилова ва Нафиса Фармонова, аз рўи номинатсияи «Беҳтарин навозандаи мақом» донишҷўёни Донишкадаи миллии санъати Ўзбекистон ба номи Ю.Рачабӣ Шоҳҷаҳон Ёриев ва Меҳрибон Ҳайдарова, аз рўи номинатсияҳои «Беҳтарин омўзгори мақом» Умари Ҳамдӣ аз Миср, аз рўи номинатсияи «Беҳтарин тарғибкунандаи мақом» ноиби ректори Донишкадаи миллии санъати Ўзбекистон ба номи Ю.Рачабӣ Азиз Зокиров, аз рўи номинатсияи «Беҳтарин ҳунарманди ҷавони мақом» Мактаб-интернати махсуси давлатии Фарғона ва аз рўи номинатсияи «Беҳтарин композитори мақом» роҳбари ансамбли Театри давлатии академии мусиқии ўзбек ба номи Бобури Ўш Дилшод Азимов ғолиб дониста шуданд.

Аз номи ЮНЕСКО ансамбли Маркази мусиқии Вазорати фарҳанги Давлати Қатар ва ансамбли Мактаб-интернати махсуси мақоми Урганч «Ферўз», аз номи ISESCO ансамбли «Малуф»-и Тунис ва ансамбли Театри мақоми Марғелон, аз номи ТУРКСОЙ ансамбли мақоми «Ватан»-и Озарбойҷон ба гирифтани тўҳфаҳо ва мукофотҳои пулӣ сарфароз гардиданд.

Вақте ки навбат ба эълони ғолибони се ҷои аввали Ҷашнвораи байналмилалии мақом расид, маълум шуд, ки ду ҷои аввал ва 10 ҳазор долларӣ ба ансамбли Маркази миллии санъати мақоми ба номи Юнус Рачабӣ ва Хуршед Ироҳимзода – овозхони мақоми Консерваторияи миллии Тоҷикистон, ду ҷои дувум ба ҷамоаи ансамбли Маркази мақоми вилояти Ҷиззах ва овозхони турк Чидем Гурдал бо маблағи 7 ҳазор долларӣ ва ду ҷои сеюм ба дастаи ҳунарии «Мақом»-и Театри бадеии «Шинҷон»-и Чин ва овозхони ҳинд Алӣ Амҷад Хон бо маблағи 5 ҳазор долларӣ сазовор дониста шуданд.

Шоҳҷоиза ё ГРАН-ПРИ бо маблағи 15 ҳазор доллар ба овозхони ансамбли «Форс»-и Ҷумҳурии Исломии Эрон Алӣ Асғар Арабшоҳӣ тақдим карда шуд.

Ба ғолибон диплом, ҳайкалча ва тухфаҳои хотиравӣ низ супурда шуд. Инчунин ҳар як иштирокчии ҷашнвора соҳиби шаҳодатномаи «Иштирокчии Ҷашнвораи байналмилалии санъати мақом» гардид.

Маросими пўшидашавии Ҷашнвораро консерти дастаҷамъии аҳли санъат ва мақомхонҳои ҷавон шукўҳи тоза бахшид.

Мирасрор АҲРОРОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

Вилояти ҶИЗЗАХ.

Суратгир: Ҷ. ЁРБЕКОВ
(ЎзА).

БА ЯК ҶАВОН ЧИЛ ҲУНАР КАМ

Лавҳае аз ҳаёти як нафар омӯзгор, ҳунарманд, сароянда ва шоири боғбон

Беҳуда «ба як ҷавон чил ҳунар кам» нагуфтаанд. Зеро донистани ҳунарҳои зиёд ба кас ҳам ризқу рӯзӣ меоварад, ҳам обрӯ. Ғайр аз ин шахси боҳунар вақти қимати худро барҳадар намегузаронаду вақти дигаронро беҳуда намегирад. Суҳбат бо чунин тоифа ҳамеша мароқангез аст. Қаҳрамони лавҳаи мо низ дорои чанд касбу ҳунар аст, барилова соҳиби хислатҳои ҳамидаи инсонист, ки метавонад ба дигарон ибрат шавад.



ПОСДОРИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ

Бо баҳонаи расонда додани рӯзномаи «Ховар», ки ӯ ҳамасола ба он обуна аст, ба дами дарвозаи Хайруллоака рафта садо додам. Касе ҷавоб надод. Вале аз ҷониби коргоҳи ҳунармандиаш садои чарх шунида мешуд. Даромадаму Хайруллоакаи ҳунармандро чун ҳамеша дар сари коргоҳи ҳунармандӣ дарёфтам. Чун маро дар дами даромадгоҳи коргоҳаш дид, хиҷолатомез «узр, омаданатонро нафаҳмидаам, ин ҷо чангу ғубор аст, берун бароем» ғуфт. Ман «боке надорад, чангу ғубор ҳам азони худамон, аз хок омадем ба хок меравем», – гӯён барои аз хиҷолат бароварданӣ сӯяш оғӯш кушодам. Гарм ҳолпурсӣ намудем. Воқеан ба сару либос, рӯю мӯй, мижгону абрӯвонаш чангу ғубор нишаста буд. Дар ҳоле буд, ки бинанда намешинохташ.

– Хайруллоака, шуморо дар ин қиёфа шинохтан душвор, давлатманд мешавед, – ғуфтам ҳазломез. – Ин чӣ ҳолест, ки мебинам. Дирӯз тариқи телефон, ҳангоми суҳбат аз бетобии худ шикоят доштед.

– Оре, шукр, ҳоло каме беҳтарам, роҳҳои нафаскашӣ аз таъсири чангу ғубор каме иллат ёфтаанд, табобат гирифта истодаам.

– О, агар ин тавр бошад, тамом сиҳҳат наёфта, боз чаро худро ба ихтиёри чангу ғубор гузоштед? Аввал саломатиро бинед, ки кори дунё тамом шудан надорад, – ғуфтам дилсӯзона ба Хайруллоака, ки асари хастагӣ ҳанӯз дар чеҳрааш дида мешуд.

– Як-ду супориши миҷозон аз вилояти Қашқадарё буд, онро адо карданам лозим. Онҳо ба қарибӣ тарафҳои мо меомадаанд, бояд супориши онҳоро ба итмом расонида, ба дасташон супорам, – ҷавоб дод Хайруллоака.

Оре, усто одати аҷиб дорад. Ваъда, ки дод, мехоҳад саривақт адо намояд, масъулиятро ҳис мекунад, саҳлангорӣ, баҳонаҷӯйӣ аз ӯ билкул бегона аст. Кӯшиш мекунад, ки ба касе кумакаш расад, ҳоҷатбарор аст.

Бо ӯ суҳбаткунон ба коргоҳаш чашм медавонам. Нигоҳам ба дастгоҳҳои гуногуни ҳунармандӣ, ки дар коргоҳ насб кардааст ва ба асбобу анҷоми рӯзгор мехазад, ки маҳсули дастони моҳири ин марди начиб аст. Аз тамошои косаву табақ, пиёла, тақсимчаву қошуқҳои гуногунҳаҷм, ки дар ҳар шаклу шамоил аз чӯбҳои чормағзу зардолу, тут сохта шудаанд, чашмҳо медурахшанд. Маълум, ки ӯ аз масолеҳи чӯб дурусту босамар истифода мебарад. Ба ҳаҷми онҳо нигоҳ карда асбоби рӯзгор месозад. Чӯбро сарфа мекунад. Аз хурдтарин чӯб ҳам асбоби рӯзгорбоб месозад.

Тазаккур бояд дод, ки шуҳрату овозаи ҳунари дастони моҳири Хайрулло Раҳматов аз миқёси ноҳия берун рафта, то ба ноҳияҳои дигари вилоят, ҳатто саросари ҷумҳурӣ расидааст аз ҷониби ҳунармандону коршиносони соҳа эътироф гардидааст. Ӯ аз моҳи марти соли 2022 узви иттиҳоди ҳунармандони Ӯзбекистон мебошад.

СОҲИБИ ОВОЗИ ДИЛАНГЕЗ

Ҳунари дигаре, ки қаҳрамони мо дорад, ин навозандагиву сароянда аст. Ӯ аз хурдсолӣ ба шеъру санъат шавқу завқи баланд дошт. Соли 1985 мактаби 8-солаи деҳаро, ки он вақт филиали мактаби рақами 48-и деҳаи Чоши ноҳияи Узун (ҳозира Сариосиё) буд, хатм намуда, аз кӯҳистон ба поён омад. Солҳои 1985-1987 ду сол дар мактаби рақами 70 (ҳозира 28-и ноҳияи Сариосиё) таҳсил карда, баъди хатми мактаб ба шуъбаи ғоибонаи факултаи филологияи Донишкадаи омӯзгории ба номи Қандил Ҷӯраеви Тоҷикистон дохил шуд. Ҳамзамон аз соли 1989 дар мактаби деҳаи Карш фаъолияти омӯзгории хешро идома дод.

Дар чорабиниҳои фарҳангии мактаб ҳунарнамоӣ ҳам мекард. Алалхусус, суруду оҳангҳои дилнавози сароянда мумтози Шарқ Аҳмад Зоҳир ӯро шефтаву мафтун карда буданд. Бо маҳорат менавохту месароид.

Ҳанӯз замоне, ки ӯ мактабхон буд, дар хонаи падараш Насрулло ҳамеша маҳфилҳои шеърхонӣ, сурудхонӣ бо асбобҳои миллии мусиқӣ баргузор мешуданд. Усто ва мураббӣ Каримқул Бердиев баробари омӯзгори мусиқӣ будан асбоби мусиқӣ ҳам месохту онро навохта месароид, инчунин падараш низ шеърхону санъатдӯст буд ва аз ҳунари навозандагиву сароянда ҳабар дошт.

(Давомаш дар саҳ.4).

Ёварони мо

ФАЛСАФАИ ҲАЁТ

Ҳар ду суҳбат доштем. Мавзӯъ ягона набуд, вай гоҳ ба сиёсат мегаравиду гоҳ ба маънавият мепечид, гоҳ аз адабиёт буду гоҳ аз санъат.

Дафъатан, ӯ онро куллан дигар карда, пурсид: — Албатта, хабар доред, ки дар яке аз шумораҳои охирини «Овози тоҷик» мақолаи кучаке бо имзои чанд нафар омӯзгор аз ноҳияи Китоби вилояти Қашқадарё таҳти сарлавҳаи «Китобҳои бадеиро аз кучо ёбем?» чоп шуд.

— Бале, – ғуфтам дар ҷавоб, – онро шуъбаи фарҳанг ба чоп тайёр карда буд. — Барои мактабҳои мо душвор. Китобҳои дарсиро, ба ҳар ҳол хуб ё бад ҳукумат интишор мекунаду ба мактабҳо мерасонад. Аммо норасоии китобҳои адабиву бадеӣ масъалаи мушкил аст. Алҳол тақрибан дар тамоми нашриётҳои ҷумҳурӣ китобҳо, маҷмуаву баёзҳои шоиру нависандагони тоҷики мамлакат аз ҳисоби маблағҳои худӣ ё ҳомиёну васоятгарон, бо теъдоди кам бошад ҳам, чоп мешаванд, вале ба ҷойҳои зарурӣ расондани онҳо мушкилот доранд. Яъне боз маблағ лозим аст. Маблағ барои пардохти пули муаллиф, маблағ барои харидани онҳо аз дуконҳои китобфурӯшӣ, ки ангуштшумор бошанд ҳам, ҷо-ҷо ҳастанд, маблағ барои пардохти хидмати расондадеҳӣ ва ғайраву ва ҳоказо. Масъалаи дарёфти асарҳои шоирону нависандагони Тоҷикистон ва ба мактабу донишкадаҳои тоҷикии Ӯзбекистон расондани онҳо бошад, боз як мавзӯи алоҳида аст, ки ҳатто ба тавзеҳу тафсир ҳам ниёз надорад. Яъне, аз доираи имкону иқтидори мо куллан берун аст.

— Оре, дуруст, вале мешавад, ақаллан ба онҳое, ки имкон ва тавони китобҳоро то ба мактабашон ё ба донишкадаву донишгоҳҳояшон расондан доранд, кумак кард. Масалан, шумо китобҳои адабию бадеии дар кишвари худамон ба забони мо нашршударо бо теъдоду миқдори зарурӣ пайдо ё дасти кам, ҷойи онҳоро муайян ва мушаххас мекунед, банда маблағ ва роҳкирояшонро мепардозам, онҳо – ниёзмандон меоянду мегиранду мебаранд. Чӣ ғуфтед? — ҳамсуҳбатам ба мани аз ин пешниҳод ҳайрону лол ва саргаранг оромона нигоҳ мекард. Ман, гӯё ба ҳисмам отошаке расида бошад, парида аз ҷо хестам ва аз ниҳояти хурсандӣ: – Оё шумо ин корро мекунед? Ин қадар маблағро як худатон мепардозед? — ғуфтам.

— Дар аввал ин корро метавон барои роҳимон – нависандагони он мақолае кард, ки дар рӯзнома чоп шудааст.

— Онҳо ҳам кам не, он ҷо имзои директорони якчанд мактаби тоҷикӣ ҳаст, — илова кардам боз.

— Медонам, боке не. Биёед, ҳамин корро кунем, савоб мешавад. Натиҷаашро мебинем, агар боз талабгорону ҳоҳишмандон пайдо шаванд, онро ба қадри ҳолу имкон идома медиҳем, кумак мерасонем, агар не, танаффус мекунем... Мешавад?— бори дигар ба ман дида дӯхт ҳамсуҳбатам.

— Албатта, мешавад. Аз имрӯз дар ҷустуҷӯйи нависандагони ин мактуб мешавам ва ҳадди ақалл рақами телефони ягон нафари онҳоро пайдо мекунам, — ваъда додам мани то ҳол ҳайратзада.

Ва мо, аниқтараш акаи Муродҷон ин корро карданд. Аз дукони китобфурӯшии шаҳри Самарқанд бо имдоду ёрии ношир ва шоири шинохтаи тоҷик, роҳбари Шӯрои самарқандии Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон Асаддулоҳ Исмоилзода китобҳои адабию бадеӣ бо теъдоди барои якчанд мактаби тоҷикии ноҳияи Китоб зарурӣ харида ва расонда дода шуданд. Дар пайи он боз барои чандин мактаби тоҷикии ҷумҳурӣ чунин кори хайру савоб ба ичро расиданд, ки мо бинобар он ки сухан ба дарозо накашаду ғуфта такрор нашавад, аз баррасиву ҳикояи тақрибан якранги ҳар кадоми онҳо парҳез кардем.

Вале ин ҷо зарур медонам аз воқеае, ки аз сари худ ва, албатта, боз бо иштироки фаъоли акаи Муродҷон гузарондаам, шаммаеро нақл кунам.

Соли 1988 чун дар Тоҷикистон (он вақт яке аз ҷумҳуриҳои иттифоқӣ) дар Ӯзбекистон низ тайёрӣ ба таҷлили саду даҳсолагии устод Садриддин Айнӣ дар авҷ буд. Ҳар як нашрияи чопӣ, хоҳ он рӯзнома бошад, хоҳ маҷалла саъй менамуд бозёфти нодиреро аз ҳаёт ва фаъолияти ин нобиғаи ҳам адабиёти тоҷик ва ҳам адабиёти ӯзбек эълон кунад. Аз ҷумла «Овози тоҷик». Ман, ки дар наздикии идораи рӯзнома, аниқтараш дар рӯ ба рӯйи бозори бузурги «Олой» зиндагӣ мекардаму аз он то коргоҳ беш аз 800 –1000 қадам набуд, ҳар субҳ пештар аз кормандони дигар ба корхона мешудам ва аҷиб, ки ҳар бор сармуҳаррирамон – инсони пурдидаву хоксор ва кордон Шавкат Ниёзов, ки манзили ӯ низ дар қарибии коргоҳ қарор дошт, аллакай дар идора буд. Одат доштам бо онҳое, ки пеш аз ман омадаанд, салому алейк кунам, ин хислатро то ҳол, ҳарчанд имрӯз дар идора аз ҳама бузургсолтарам, тарк накардаам. Баъдан ба қабулгоҳ даромада, ба дафтари қайди омаду рафт бо сабти соату дақиқа имзо мегузоштам ва агар дари дафтари сармуҳаррир ё муовини сармуҳаррир устод Муҳсин Умарзода кушода бошад, албатта, бо ҳар кадоми онҳо салому алейк ва вохӯрӣ мекардам. Тавре ки ғуфтам, Шавкат Ниёзов ҳамеша дар ҷойи кор буданд, вале Умарзода дертар меомаданд. Зеро мошини хидматӣ чун анъана аввал сармуҳаррир, сипас, аксаран котиби масъули рӯзнома Раҳматҷон Норов ва баъд ҷонишинро меовард.

Алқисса, дар чунин як субҳи соли мазкур сармуҳаррир ба ман маҷаллаи муқоваш фартутшудаи адабиву бадеии нашрияи Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон — «Шарқ юлдузи»-ро аз соли 1956 супурда, ғуфт, ки дар он очерки калонҳаҷми адиб ва журналисти собиқадори ӯзбек Қурбоной Убайдуллоева бо сарлавҳаи «Ўчмас шуъла» дар бораи устод Садриддин Айнӣ чоп шудааст ва ҳоло, ки тайёрӣ ба таҷлили солгарди зодрӯзи устод идома дорад, хуб мешуд онро тарҷума ва дар рӯзномаамон ба ин муносибат порчаporча эълон кунем. Ман ин вазифаро ба шумо месупорам, корро метавонед аз ҳамин рӯз оғоз кунед.

Очерк — хотираҳои Қурбоной Убайдуллоева, ки муддати беш аз як сол ба ҳавлии устоди бузург рафтуо дошта, асарҳои ӯро мошиннавис кардааст, дар якчанд шумораи рӯзнома таҳти унвони «Шуълаи абадӣ» чоп шуд ва ба саду даҳумин солгарди абарустод туҳфаи муносибу хондании «Овози тоҷик» барои хонандагони сершумор, мухлисону ҳаводорони ҳаёт ва эҷодиёти вай гардид.

Солҳо гузаштанд. Боре чун бастаҳои «Овози тоҷик»-ро саҳифагардонӣ мекардам, чашмам ба ин очерк афтоду дар сарам фикри дар сурати китобчае интишор кардани он пайдо шуд. Барои ин корро ба сомон расондан, ғайр аз дарёфти маблағ баҳри хароҷоти чоп боз як чиз намерасид, ки ба назарам муҳимтар аз маблағ буд. Ин ҳам бошад, пайдо кардани маълумот дар бораи муаллиф, яъне ақаллан мухтасари тарҷумаи ҳол ва альҷон дар куҷову чӣ кора будани ӯ махсуб меёфт. Азбаски дар очерк аз хусуси кору рӯзгори устод дар Самарқанд сухан мерафту худи муаллиф низ самарқандӣ қаламдод шуда буд, камина тӯли солиёни зиёд ӯро аз ҳамин шаҳр ҷустам, суроғ кардам. Аз журналистону аҳли адаб ва дӯстони худ, ки дар Самарқанд кору зиндагӣ мекунанд, аз ҷумла шоир ва журналисти шинохтаи шаҳри бостонӣ, устод Салим Кенҷа, собиқ директори Хона-музейи устод дар ин шаҳр Абдукарим Ғанизода, шоир ва журналист, муҳаррири рӯзномаи ноҳияи Самарқанд — «Гулобод тонги» Нормурод Каримзода, журналисти хушқалам, собиқ сармуҳаррири рӯзномаи вилоятии «Овози Самарқанд» Озодҷон Ҳамидзода, муаллими калони факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд, дӯсти ҳамсабақам Абдуваҳҳоб Воҳидов, дотсенти ҳамин факулта, номзади илмҳои филологӣ Абдусалом Самадов ва дигарон хоҳиш намудам, ки ба ман дар ин бобат, яъне дарёфти Қурбоной Убайдуллоева, ё ҳадди ақалл маълумот аз хусуси ӯ кумак кунанд. Аҷиб он буд, ки тақрибан аксари онҳо дар бораи вай шунидаанд, медонанд, ки аз шаҳри онҳост, вале намедонистанд, ки ҳоло кучост, дар қайди ҳаёт аст ё на. Чун ҷустуҷӯҳо самаре надоданд, бо ношир ва шоир, дӯсти меҳрубон Асадулло Исмоилзода қарор додем, ки очеркро дар арафаи 140-солагии Устоди зиндаёд, бидуни шарҳи ҳоли муаллифи он, чоп кунем. Ҳамин тавр ҳам шуд. Вале...

Дар як мулоқот бо акаи Муродҷон аз ин хусус мужда расондам. Яъне ғуфтам, ки китобчаеро аз ҳаёт ва рӯзгори устод Садриддин Айнӣ ба дасти чоп супурдем, ки чоп мешавад ва инак, нусхаи аввалини чопии он. Вай китобчаро гирифта, хуб муоина кард ва сипас аз муаллифаш пурсон шуд. Ба ӯ ҳикояти ҷустан, вале ёфт нашудани муаллифи ӯро кӯтоҳакак баён кардам, ҳамчунин илова намудам, ки мувофиқи маълумоти дӯстам, шодравон Абдусалом Самадов ғӯё модар ё хеши наздики ҳофизони машҳур, аммо ҷавонмарг Муҳриддин ва Ҳусниддин Холиқовҳо будааст.

— Чӣ ғуфтед? – дафъатан чашм аз китоб бардошта, ба ман нигарист, ҳамсуҳбатам.

Ғуфтам, ки аз қарибони...

Хоҳари Муҳриддин ҳаммаҳаллаи мост. Агар тавре ки шумо мегӯед, вай модар ё ақаллан аз хешовандони Муҳриддин бошад, ман худи пагоҳ маълумоти заруриро бароятон муҳайё мекунам. Вале ҳоло шумо нашрро бездоред. Китоб бидуни сурат ва зиёда аз он шарҳи ҳоли муаллиф, ки дар бораи яке аз шаҳсутунҳои пойдори маданияту маънавият ва адабиёти мо, устоди бузург Садриддин Айнӣ бад-ин унвону ба ин пуррагӣ навиштааст, ҳаргиз раво нест, — гӯё шӯрида рафт акаи Муродҷон. Ман ҳеҷ хаёл надоштам, ки муждагониам ин қадар таъсири акс мекунад. Аз ин лиҳоз ҳамон лаҳза ба Асадулло занг задам ва пурсидам, ки ҷараёни чопи «Шуълаи ҷовидон» (унвони китоб, нисбати он ки дар рӯзнома чоп шуд, каме тағйир хурда буд) чӣ ҳол дорад? Вай посух дод, ки чанд ададро ҳамчун нусхаи «сигнал» чоп кардем, алҳол нусхаи дасти шуморо бо тасҳеҳҳои охирин интизорем. Аз ӯ хоҳиш намудам, ки чопи китобчаро бездорад, зеро муаллифро аз Тошканди азим анқариб пайдо кардем. Ба таъбире «Об дар кӯзаву мо ташналабон мегардем, Ёр дар хонаву мо гирди ҷаҳон мегардем»...

(Давомаш дар саҳ.4).

Шариф ХАЛИЛ

САВДОИ БАХТ

(Ҳикоя)

Аз мағз-мағзи болопӯши равғанолуди дег ҳаври сабуке мехест ва дар муҳити сурурангези ҳавлии серодам мунҳал мешуд. Ошро нав дам кардаанд. Аз лаби деги дигар, ки эҳтимол ним соат пеш кушодаанд, ба табақҳо беист ғизои наҳор мекашанд. Бӯйи хуши сабзиву пиёзи доғ, равғани заҳиру зираи кӯҳӣ... ҳавлиро пур карда буд.

Раҳмат Миллери судхӯр дар назди халоиқ рӯй сафед мекард – дасторхон кушода, дасти ҷигарбандонашро ҳалол месохт!

Мардум дар ҳавои мусиқии ором оши наҳор меҳӯрданд.

Ба назди Бобоҷони раиси маҳалла ва ҷияни ӯ Султоналӣ як лаҗлӣ оши сергӯшт омад. Яқин баковул одамшиносӣ кард. Онҳо ҳанӯз даст ба тановул набурда телефони раис рӯшан шуд. «Аз дасти ин мардум ягон дами орамидан нест!» – дар ҳадди танаффур абрӯ сарбасар овард. Аммо дар гӯшӣ чун лафзи лӯлиёнро шунид, дар лабаш гули табассум шукуфт:

– Лаббай, лаббай, – озод овоз кушод Бобоҷон ва нигоҳи қадре шодаш як лаҳза ба рӯйи мардуми ошхӯр рафта, баъд дар панҷаи сабзи дарахтони лаби ҷӯй шикаст, ки аз навозиши насими саҳаргоҳон оҳиста рамақ меёфт.

– Шири очаамро заҳр карданд – о, Раисҷон, ҷигарамро кабоб карданд-о! Агар тез омадаву чораашро наёбед, Нодир... тамом шуд ғуфтан гиред! Нашъи бадбӯяшро аз таги ҷари Париҳо, равони мурдорашро аз асфалуссофилин меёбанд!

Қодирлӯлӣ ба аспи «ҷаҳл» савор буд.

– О бандаи Худо, ин чӣ гап? – як зарра мушавваш пурсид Бобоҷон ва пас аз он, ки мухтасар бо тафсилоти низоъ шинос гардид, оҳи сабуке кашид. Вай бист сол боз раиси ҷамоат аст ва лӯлиҳои маҳалла чӣ урфе доранд, мисли панҷ ангушташ медонад. Ин мардуми беғубор аз барои бахти фарзандон ва камхарҷии тӯйҳо ачаб тамошое нишон медиҳанд.

Боз овози Қодир ба гӯшаш нишаст:

– Раисҷон, масъала ҷиддӣ, ки бояд ҳал шавад. Вагарна...

– Маравам, Қодирбой. Албатта, ҳал мекунем.

Бобоҷон ба нигоҳҳои мардуми кунҷков эътиборе надода, ба ғизо рӯ овард. Ҳанӯз луқмае соф накарда, боз садои телефон омад.

«Оббо-о...» – нидо дардод ӯ ва ҳарчанд тахмин мезад, ки Нодир ҳам занг хоҳад зад, аммо як майда асабӣ шуд. Бо нигоҳи норизо дастпокро ҷуст ва ангуштонро аз равған пок карда:

– Лаббай, – ғуфт чун одат.

Як парда овозаш баланд омад. Гӯшашро аз телефон наканда, гӯштеро аз миёни дандонҳои «дуздаш» ҷудо кард ва бо ду ангушт совида, кулӯла сохт ва ноаён ба таги кӯрпача гузошт.

– Раисҷон!

– Ҳа..!

– Ин ман – Нодир.

– Шинохтам, Нобирбой, шинохтам.

Қомат ёзонд Бобоҷон ва хушу ёдаш ба вазъи Нодирлӯлӣ банд шуд, ки вазнин нафас мекашид.

– Биёед, ки рӯзам сиёҳ.

– Хайр...

– Чӣ мегӯед, ки... Қодир ба хуни ман ташна.

Нодир ноаён оҳ кашид, ки тазйиқи ошкораш ба қалби Бобоҷон асар кард.

– Хайриятист? – ҳарчанд медонист, аммо барои ширин шудан «аз даҳони Луқмон» шунидан хост.

– Бачаи бадбахт духтари вайро дуздидааст.

– Оббо-о...

– Ишқ, мегӯяд, муҳаббат мегӯяд, ин бетамиз, намедонам, яқин дидаи ақлаш аз ин бало кӯр!

– Фаҳмо.

– Ин масъаларо худатон ҳал накунед, намешавад.

– Хуб, хуб...

Раис натавонист батааннӣ оши наҳор тановул кунад – занги паёпайи телефон иштиҳои ӯро дуздид. Муддате ошхӯрии ҳамдеҳагонро тамошо карда, тоқиро ба қафотари сар тела дод, пешонии фарохашро оҳиста молид. Чашмонаш ба рӯйи дасторхон, аммо хаёлаш ноаён ба мардуми лӯлитабори маҳалла рафта, як лаҳза дар лабонаш табассум давид ва: «Ачаб одамони софдиланд» ғуфт зери лаб. Баъд дубора ба табақи ош мутаваҷҷеҳ гашт.

Султоналӣ бепарво буд ва монугир ба табақ даст бурда, беист насиба мечид.

Аммо Бобоҷони раис иштиҳои худро пир ёфта, зуд таваққуф кард.

– Кифоят, – ғуфт, луқмаи охирро фурӯ бурда ва аз лаби хон дастпокро гирифт, бо кӯмаки забон ризқи дандонҳоро ҳам ситонда, зуд аз гулӯ гузаронд ва ба Султоналӣ, ки барои луқмаи нав даст ба табақ мебурд, маънидор нигарист. «Мехезем, ҷиян!» – ишора кард ӯ.

Вай аз ин нигоҳи такончбахшу ишораи мармуз андак барошуфт, аммо ночор дар тараддуди тамизи дастон шуд.

– Як пиёла чой... – ғуфт, дастаки чойник дар дасту бо нигоҳ пиёла ҷуста Султоналӣ.

– Не! Мехезем, – ғуфт Бобоҷон андешаманд лаб газида ва овозашро як парда поин оварда таъкид кард:

– Кор ҳаст. Зарур!

– Эҳ... Чойи кабуди зӯр буд, – таассуф кард Султоналӣ, ки яқин дилаш чой меҷуст.

– Сабр!..

Миёни абрӯвони сермӯйи раис чанд сатр чин хест ва ӯ осема дастҳоро чумча кард. Дуои баъди таом ҳам мухтасар буд.

Дар гӯш садои «Хуш омадед!»-и хешовандони соҳибтӯй онҳо ба самти мошин қадам бардоштанд. Аз кучое Раҳмат Миллер пайдо шуд, ки дар рӯйи сергӯшташ сурхӣ давида, хиш-хиш нафас мегирифт.

– Нашиштед, раис...

Дар оҳанги ӯ озурдагӣ ҳис мешуд.

– Ташаккур, Раҳматбой. Ош хӯрдем, аз дигар неъматҳо чашидем... Акнун ба мо иҷозат... – ғуфт Бобоҷон даст рӯйи сина бурда. – Ҷӯгиҳоямон нотинҷ, наравам намешавад.

Соҳибтӯй ба маънии «фаҳмо» ду абрӯ болo кашид ва ҳамон дам ба ранги сурхи рӯяш равшанӣ давид.

– Хайр, зорӣ дорему зӯрӣ не. Кори ҷамъият зарур. Аммо, албатта, дар базми шабона иштирок кунед, раисҷон. Давраро худатон мекушоед.

– Ба чашм...

Раҳмат Миллер бо чолокӣ ба самти ду шахс қадам бардошт, ки низ аз дарвоза баромада, эҳтимол азми баргаштан доштанд. Бобоҷони раис як ба онҳо назар давонда, нашинохт. «Шояд мизоҷони Раҳмат ҳастанд» – аз дил гузаронд ва андешаманд даст ба дари мошин бурд.

Султоналӣ аз ҳар ҷониб гузашта, ба чарҳҳои мошин зеҳн монд: – «Қӯрдилон мабодо мехча нагузошта бошанд!» Баъд қаноатманд паси чамбари идора гузашта, ба маънии «Чӣ кори зарур баромад?» – ба раис нигарист. Ҳанӯз посухе нагирифта, калидро тоб дод. Дар гӯшҳо садои ороми муҳаррик:

– Кучо меравем? – пурсид Султоналӣ.

– Ба Гулобод ҳай кун – ҷӯгиқишлоқ меравем, – ғуфт Бобоҷон.

– Ҳамин хел тӯйа партофта -я? – дар оҳанги ғуфтори рониаанда озурдагие ҳис мешуд.

Ду чашмаш ба роҳи калон:

– Тӯйи ҳақиқӣ дар пеш, ҷиян.., – ҷавоб дод раис ва як лаҳза симои Қодиру Нодирро пеши назар оварда, табассум кард. – Духтари Қодирҷӯгиро дуздидаанд, – мақсадро дасторхонвор кушод ӯ.

– Ё пири балогардон! – акнун таҳайюр кард Султоналӣ.

– Бешӯхӣ дуздидаанд, – дубора такрор намуд раис даст совида.

– Зӯрку-у, – фавран шукуфт Султоналӣ, ки дар хидмати амакаш бисёр гашта, низ аз баъзе асрор огоҳ буд. Вай шодон гашти якмароми мошинро бо як пилла бардоштани суръатафзо тағйир дод.

Онҳо як лаҳза нигоҳҳоро ҷанг андохта, дар банди андеша сукут варзиданд. Дар салон як хомӯшии шигифтангез тор танид...

Аз тирезаи қадре кушода, шамоли гоҳи офтобхез даромада, чанд тора мӯйи Бобоҷони раисро, ки аз қафотари сар оварда ҷабини лучакашро пӯшонда буд, дар ғояти навозиш парешон месохт.

Ин дам офтоб аз гирабони машриқ сар бароварда, гӯё аз ҳаё сурх мешуд.

***

Раиси маҳалла ба хонаи Қодирҷӯгӣ даромада, «қиёмат»-ро қоим дид. Қодир дар сар тоқӣ дошт, ки атрофашро бо рӯймоли гардӣ фӯтавор печонда буд. Вай раисро дидан баробар қиёфа дигар кард, ба аспи ғазаб нишаста, корди дудамаи дар тасмаи шимаш ҳамоилро аз ғилоф берун овард. Бонуи то ин дам хомӯш ба шавҳар ҳамсадо шуд – дар сари зинаи айвон нишаста, ҷисми фарбеҳашро алвонҷ дода, ду даст ба ронҳо задаву ба навҳа даромад.

(Давом дорад).

«ҶАШНВОРАИ КИТОБХОНӢ»

Бо ташаббуси Китобхонаи вилоятии бачагони назди Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ бо мақсади ташаккул додани маданияти китобхонии аҳолӣ, афзун гардидани шавқи китобхонии онҳо дар Бухоро «Фестивали китобхонӣ» ба амал омад.

Дар он ходимони Садорати таълими томактабӣ ва мактабии вилоят, падару модарон ва китобдорон иштирок карданд. Дар доираи фестивал ғолибони озмун аз рӯйи намудҳои «Фаъолтарин талабаи китобхон», «Бачагони эҷодкор», «Беҳтарин оилаи китобхон», «Беҳтарин мактаби китобхон», «Фаъолтарин китобдор» муайян гардиданд.

Дар ҷараёни озмун қариб 20 ҳазор нафар хонандагон иштирок намуда, 60 нафар иштирокдорони беҳтарин ҳавасманд гардонда шуданд. Фестивал бо савту сурудҳои дилнишин наврасонро рӯҳбаланд намуд.

Дар доираи ин тадбир семинари ҷумҳуриявии китобдорони мактабҳои таълими умумӣ низ баргузор гардид.

А. АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

ФАЛСАФАИ ҲАЁТ

(Аввалаш дар саҳ.3).

— Не-е! – ҳайрон шуд дар он тарафи сими алоқа мусоҳибам. – О, шумо ўро аз Самарқанд гуфта будед-ку?

— Оре, аз Самарқанд, вале шамоли ҳодиса касро ба кӯҷоҳо намебарад. Масалан, шумо ҳам аз Сариосиё, ман аз Нурато, акои мо – Муродҷон, аз Истаравшани Тоҷикистон аст, – ҷавоб додам ба ӯ.

Ана ҳамин тавр ба шарофати акаи Муродҷон ҳам сурати муаллиф ёфт шуду ҳам тарҷумаи ҳол ва ҳам духтари ягонаи Қурбоной Убайдуллоева – Тулқиной, ки модараш бо навозиш Мавҷимоҳ мегуфтаасту воқеъан хоҳари Муҳриддину Хусниддин буда, ҳоло бо аҳли хонавода дар Тошканд мезистаанд.

Китобчаи зебову хонданӣ, ба қавли акаи Муродҷон «дар бораи яке аз шахсутунҳои пойдор…» бо кумаку шарофати беқиёси ӯ ва бо иловаи мухтасари шарҳи ҳолу сурати муаллифаш рӯйи чопро дид, ки ман барои ин аз вай, аз бародари сахтгиру серталаби ҳуд Муродҷон Махсудов зиёда миннатдорам.

Субҳи 5-уми марти соли 1991, саҳаргоҳе, ки шомгоҳаш бачагону наврасони деҳоти кишвари мо, ба хусус дар кӯҳистон, бинобар анъанаву русуми қадимаи аҷдодӣ дар ба дару хона ба хонаи ҳамдеҳагон гашта, аз расидан, оғози баҳор – ин фасли қашангу дилпазир, ин айёми эҳёи сабзаву дарахтон, ин даврони чӯшу хурӯш ва қиёми мурғакон, ин замони гулпӯшиву шукуфтарӯии дӯшизагону духтарон дарак медиҳанд, мо, ҳайати панҷнафараи Иттиҳодияи қаламкашон – журналистони Ӯзбекистон бо тайёраи ҳарбӣ (зеро ҳанӯз ҷанг дар сарзамини афғон идома дошт) ба Ҷумҳурии он гоҳ демократии Афғонистон ба сифати паямбарони баҳори нозанин ва баҳри мустаҳкам кардану инкишоф додани муносибатҳои дӯстиву бародарии байни аҳли қалами ду кишвар, ҳамчунин зиёрати қабри шоир ва мутафаккири ӯзбек Алишери Навоӣ, ки дар ватани мо – Ӯзбекистон 550-солагиаш таҷлил мешуд, парвоз кардем.

Ҳайати мо аз журналистони маъруфу шинохтаи мамлакат, аз ҷумла шореҳи сиёсии радио ва телевизиони ҷумҳурӣ Талъат Солиев, ба ҳайси роҳбари гурӯҳ, ҷонишини сармуҳаррири рӯзномаи он замон раҷаки аввали кишвар «Совет Ӯзбекистони» Миршароф Муҳсинов, котиби масъули рӯзномаи «Правда Востока» Виктор Дегтярев, директори студиёи варзиш, наврасон ва ҷавонони телевизиони Ӯзбекистон Ҳайдар Афзалов ва роҳими ин сатрҳо иборат буд...

Ман ин саргузашти сию се сол муқаддам бо ҳамроҳон аз сар гузарондаи худро бехуда ба хотир наовардам.

Оре, саргузашту сарнавишти инсон аз тасодуфҳо орӣ нест. Боре аз акаи Муродҷон дар дафтари кориаш суол кардам, ки оё бар ивази он қадар ҳиммату саховат ва умуман некиҳое, ки аз ҷониби шумо ба қарибон, ёрону дӯстон, баъзан, ҳатто ба нимошнову нимшиносон содир шудаанд, аз касе нисбати шумо ҳам накӯӣ ё, аҳаллан арзи сипосу илтифоте расидааст.

— Аслан, аз ҷониби камина ҳар некӣ ё кори хайре, ки содир шудаву мешавад, на барои он аст, ки ҳуднамоӣ кунам, балки ин ҳама ба амри дил буду ҳаст. Оё нашунидаед, ки ҳакимон фармудаанд: чун ҳиммате мекунӣ, чунон бикун, ки агар ба дасти рост медиҳӣ, дасти чап онро набинад. Ин ҷиҳат маънии зиндагӣ ва фалсафаи ҳаёти мост. Вале шудааст, ки баъзе аз онон ғайриихтиёр ва бидуни чашмдошти мо, ҳатто саховати бештар аз лутфи моро содир кардаанд.

Ҳамсуҳбати ман инро гуфту аз ҷо рост шуда, аз байни китобҳои зиёди чевони дафтари кориаш китобчаеро гирифт ва ба ман дароз кард. Он «Инсонийлик саройлари кенгдир» унвон дошт ва болои муқоваи зебояш ному насаби Талъат Солиев сабт шуда буд.

— Ин кадом Талъат Солиев? Магар, ҳамоне не, ки шореҳи машҳури сиёсӣ буданд? – пурсидам аз мусоҳибам.

— Бале, худи ҳамон журналисти маълуму маъруфи мамлакат, — гуфт акаи Муродҷон, — бо тамкину вазнинии ба худ хос.

— Ман он касро мешиносам.

— Ӯро кӣ намешинохту намедонист, охир, вай қариб ҳар ҳафта аз тариқи радио ва телевизиони ҷумҳурӣ баромад карда, воқеаву ҳодисаҳои рӯзмарраи сиёсии ҷаҳонро шарҳу тафсир мекард, халқамонро аз рӯйдодҳои муҳим, балки хеле муҳими олам хабардор менамуд.

— Не, не, шумо маро нодуруст фаҳмидед, ман ин шахсро хеле хуб медонам, мо бо роҳбарии он кас ба хорича, ба Афғонистон сафар карда, беш аз як ҳафта ҳамроҳ будем, дар як меҳмонхона — ҳутели «Кобул» ҳобидем. Якҷо дар қабули Вазири аъзами вақти ин кишвар Султоналӣ Кештманд, вазири фарҳанги он оғои Ҳамгар, бисёр дигар вазорату идораҳо будем. «Боғи Бобур»-ро тамошо ва қабри шоҳ, саркарда, шоир ва муаррихи машҳур Муҳаммад Заҳириддин Бобуру наздикони ӯро дар пойтахти Афғонистон – шаҳри Кобул зиёрат намудем.

Ман нисбати ин марди аз ҳар ҷиҳат самимӣ меҳру муҳаббат ва аз он сафар, ки таҳти сарварии ӯ анҷом додем, таассуроти фаромӯшношуданӣ дорам. Мешавад, ин рисоларо ба муддате бо ҳуд бигирам, то ҳонда бароям?

— Чаро нашавад? Мешавад он ба шумо армуғон. Ҳоло китоб туҳфа кардан расм шудааст. Гиреду китоби ҳамроҳу ҳамсафари деринаи ҳуд — бародаратонро дар бораи камина бафурҷа ҳонед. Дар ягон вохӯрии навбатӣ таассуроти худро бо мо ба ҳам ҳоҳед дид. Чӣ гуфтед?

— Ҳатман! — посух додам китобчаро варақзанон.

Дар хона ин рисоларо, ки ҳамагӣ аз чиҳил саҳифа иборат буд, ба қавле дар як нафас ҳондам. Ростӣ, он бо забони бағоят шиорину латиф, содаву равони ӯзбекӣ навишта шуда буд ва касро аз оғоз то анҷом чун оҳанро оҳанрабо ба ҳуд ҷазб мекард. Онро, бидуни муболиға, мехоҳам навиштаи меҳр, иншои муҳаббат, эҳоди садоқат ва офаридаи самимият ном диҳам. Муаллиф тавонистааст тамоми соҳаҳои рӯзгору зиндагӣ, кору фаъолият ва одамиву одамигарии қаҳрамонашро, ки бо як муҳаббати сидқии бародарона «иним», яъне додарам менигораду мегӯяд, агарчи тарҷумаи он маънӣ, гармиву нармии аслии ин вожаро чандон хубу пурра ифода намекунад, фаро гирифтааст. Ба он, агар боз амалҳои хайру савоби акаи Муродҷонро, ки дар рисола ҳиссае аз қисса ё ҳуд қатрае аз баҳр гуфта шудаанд, зам накунед, дигар наметавон ҳарфе илова кард.

Дар бораи саховату ҳимматбаландӣ ва корҳои неки акаи Муродҷон бошад, ҳатто ман, ки бо эшон ба наздикӣ ошноиву қаробат пайдо кардам, метавонам соатҳо суҳбат кунам, нақл намоям. Чунончи, ман медонам, ки мавсуф бобати обуна ба рӯзномаи «Овози тоҷик» ҳанӯз аз давроне, ки он «Ҳақиқати Ӯзбекистон» ном дошт, ҳар сол ҳиммат мекард ва андак ҳам не. Ё ҳуд бисёр ҷашн, ид ва маъракаҳоро барои кормандони рӯзнома дар коргоҳи ҳуд – Маҷмуи савдои «Истаравшан» ташкил менамуд. Алҳол чунин иқдоми хайрро бинобар обуна ва пуштбонӣ аз нахустин маҷаллаи тоҷикии навтаъсиси адабиву фарҳангии «Дурдонаи Шарқ» дар шаҳри Самарқанд идома медиҳад. Дар маросимҳои гуногун, аз қабили Иди Истиқлол, Ҷашни Наврӯз ва ғайра, ки Маркази мадании тоҷикони шаҳри Тошканд «Ориёно», баъдан ҳамчунин Маркази миллию фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ созмон медоданд, сару сарвар буд...

Мавриди зикр аст, таъкид кунем, ки рисолаи журналисти номӣ Талъат Солиев, ки дар боло роҷеъ ба он сухан рафт, доир ба кору фаъолият ва амалҳои савоби бародари мо ягона нест. Дар маҷалла ва рӯзномаҳои мухталиф оид ба паҳлуҳои гуногун ва шоистаи кору рӯзгори ӯ лавҳа, мақола ва очеркҳои зиёд навишта шудаанд, ки агар ҷамъоварӣ шаванд, шояд китоби бузургҳаҷмтаре ҳам шавад. Ин ҷо дар поёни ин меҳрнома мехоҳам барои тасбити гуфтаҳои хеш аз чанде чунин навиштаҷоти таҳтидилонаи солҳои охир пораҳоеро ба сифати намуна оварам.

«…Муродака барои инкишофи фаъолияти Маркази фарҳанги тоҷикони шаҳри Тошканду мамлакат ҳиссаи бузург гузоштаанд. Рӯзи забони тоҷикиро мо борҳо айнан дар корхонаи «Истаравшан» гузаронидаем… Муродака маҳз туфайли завқ ба китоб ба муродашон расидаанд…Рӯйи мизи кориашонро осори Рӯдакиву Ҳофиз, Шайх Саъдиву Мавлонои Балхии Румӣ, Лоиқ ва классикони адабиёти дунё зеб медиҳад…

Яке аз дарёфтҳои нодиру бузурги мо дар Тошканд бародариву дӯстиамон бо роҳбари корхонаи »Истаравшан» Муродҷон Ҳамидович Махсудов… ба шумор меравад. (Шоҳқаҳҳор Салимов, «Ошёни бахт», нашриёти «Тамаддун», соли 2021).

«…Ман, албатта, хурсанд мешавам, ки мардони истаравшанӣ берун аз диёри ҳуд ҳам соҳиби обрӯю эътиборанд. Инро бинед, ки ҳамсабақам, дӯсти солҳои бачагиям Муродҷон Махсудов ҳам баъди хатми мактаби миёна бо аҳли оила ба Тошканд омада, таҳсили илм кард ва дар соҳаи савдо ба комёбиҳои назаррас ноил шуд. Ӯ дар маркази Тошканди азим маҷмуи тичоратӣ барпо карда, номи онро ба хотири зодгоҳаш «Истаравшан» гузоштааст. Алҳол Муродҷон садҳо нафар шогирд дорад…» («Одамони хуб бисёранд, к-ин олам бапост», Юсуфҷон Абдураҳимов, узви Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон, «Овози тоҷик», №73, 2023).

«…Мардум маъракаву маросимҳои бодабдабаву сермасриф ташкил мекунанд, барои мошинҳои қиматбаҳояшон рақамҳои (кампайдо)-и давлатиро бо маблағи гарон механранд…Вале, мутаассифона, нашунидаем, ки давлатманде дар паҳлуи ҳамон супермаркет ё заправкааш, аҳаллан ягон дукони китоб ё китобхона сохта бошад, ё ҳуд ба донишҷӯй ё мактабхоне китоб армуғон, ба ягон муштарӣ барои обуна ба рӯзнома маблағ ҷудо карда бошад…

Ёд дорам, вақте бо чунин масъала ба Муродҷонака – соҳиби як тарабхонаи на чандон калон, ки бо номи «Истаравшан» дар қарибии идораи «Овози тоҷик» вуҷуд дошт, муроҷиат карда будем. Он кас ҳамчун як маърифатпарвар саховатпешагӣ зоҳир карда буданд, ки ҳеҷ аз хотир фаромӯш намешавад…» («65 сол боз меҳонаму менависам», Аслиддин Қамарзода, Корманди шоистаи фарҳанги Ҷумҳурии Ӯзбекистон, профессори Донишгоҳи давлатии Самарқанд, «Овози тоҷик», №3, 2024).

Тӯҳтамиш ТӮҲТАЕВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

МУЛОҚОТЕ, КИ ИНТИЗОРАШ БУДЕМ

ё ҳуд акнун китобҳои Гулсифат Шаҳидиро дар Ӯзбекистон ҳам меҳонанд

Дар даъватномае, ки аз Китобхонаи миллии ҷумҳурӣ ба номи Алишери Навоӣ ба дасти мо расид, моро ба маҳфили адабию бадеӣ, маънавию маърифатӣ, ки «Вохӯрии ғайричашмдошт» («Кутилмаган учрашув») унвон дошт, хоста буданд. Аммо, ростӣ, ин мулоқотро аслан китобдӯстон, онҳое, ки аз шарҳи ҳоли адиби ҷаҳонии тоҷикон Гулсифат ва шавҳарашон Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Толибхон Шаҳидӣ – фарзанди яке аз шоҳсутунҳои олами мусиқии тоҷик – Зиёдулло Шаҳидӣ лоақал каме воқифанд, солҳост мунтазир буданд. Аз ин рӯ, ин мулоқотро «Мулоқоти деринтизор» номидан мумкин буд. Зеро…

Соли 1997, моҳи август. Дар Самарқанд якумин Ҷашнвораи байналмилалии «Таронаҳои Шарқ» мегузашт. Як чуфти ба якдигар хеле муносибу рафтору гуфторашон хеле муаддабона ва ботаҳаммул Толибхон Шаҳидӣ ва хонумашон Гулсифат таваҷҷуҳи аксари хабарнигорон ва мутахассисонро ба ҳуд ҷалб карда буд. Онҳо ҳамчун намояндаи Тоҷикистон, яке чун оҳангсозу санъатшинос, дигаре ба ҳайси журналист ташриф оварда буданд. Он замон Гулсифат ҳанӯз китобе нанавишта буд. Суҳбати роҳими ин сатрҳо дар Самарқанд дар доираи таассуроту бардоштҳо аз фестивал буд. Чанд сол қабл аз воситаҳои ахбори оммавии дунёдонистем, ки китобҳои журналисти тоҷик Гулсифат Шаҳидӣ ғолиби озмунҳои байналмилалӣ гардидааанд. Аммо китобҳои ӯ дастраси мо – ӯзбекистониён набуд. Се сол пеш хабаре пахш шуд, ки Гулсифат Шаҳидӣ дар Русия аз рӯйи адабиёти бачагона «Нависандаи сол» (2021) эътироф шудааст. То ин муддаи нек овоза шуд, ки китоби нахустинаш «Шаҳри ормонҳои сабз» (соли 2014) дар Лондон бо Ҷоизаи Форуми байналмилалии нависандагон қадрдонӣ шудааст. Зиёда аз ин «Афсонаҳои Гулсифат-бибиҷон» дар тарҷумаи англисиаш соли 2018 дар Лондон ба нависанда шуҳрати ҷаҳонӣ овард, ўро «Беҳтарин адиб» донистанд. «Некиву хайрхоҳӣ ва самимият дар афсонаҳои адиби тоҷик комилан ҳамаро

мутаассир намуд», навишта буд он вақт нашрияи «Asia-Plus». Ногуфта намонад, ки асари аввалинаш «Шаҳри ормонҳои сабз»-ро Гулсифат дар 60-солагиаш навиштааст.

Ғайр аз ин мегӯянд, ки асарҳои Гулсифат дар шаҳрҳои Лондон, Маскав, Нюйорк, Вашингтон, Остона, Брюссел, Стокголм, Кембриҷ, Тел-Авив, Калининград, Минск ва албатта дар зодгоҳаш Душанбе муаррифӣ шудааанд.

Чанд сухан дар бораи шарҳи ҳоли Гулсифат Шаҳидӣ.

Падару модараш олимони иқтисодшинос аслан аз Бухоро буда, дар Душанбе кору зиндагӣ мекунанд. Гулсифат дастпарвари шуъбаи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон аст. Ба забони русӣ таҳсил намудааст.

— Гулсифат, – мегӯяд журналист Мирасрори Фарғонӣ, – дар факултаи мо аз донишҷӯёни хеле фаъол буд. Сарварии ташкилоти ҷавононро бар дӯш дошт. Бо дипломи аъло хатм намуд. Дар нашрияи ҷавонони Тоҷикистон кор кардааст. Чандин сол дар ширкати телевизионии «Мир» ифои вазифа дошт. Аммо он солҳо пай намебурдам, ки истеъдоди нависандагӣ ҳам дорад.

Имрӯз ӯ аз адибони ҷаҳонии тоҷик ба шумор меравад. Гарчанде дур аз зодгоҳаш зиндагӣ мекунад, мавзӯи зани тоҷик аз мадди назари нависанда дур нест. Вай узви иттифоқҳои нависандагони Тоҷикистон, Русия ва Гилдияи эҷодии Аврӯосиё мебошад. Инчунин адабиётшинос ҳам ҳаст, номзади илмҳои филологист. Имрӯз китобҳояш дар шаш забони дунё чоп шудааанд.

Бинобар ин он маҳфиле адабию маърифатие, ки аслан ба рӯнамоии китобҳои ӯ ба забони ӯзбекӣ «Қўшнижонлар» («Ҳамсояҳои нозанини ман») ва «Аҳриман – зулмат ҳукмдори» («Аҳриман-ҳукмдори зулмот») бахшида шуда буданд, хеле шавқбахшу мутаассир буд. Ин асарҳоро аз забони русӣ Дилфуза Абдумуродова тарҷума кардааст ва зери таҳрири Аҳмадҷон Мелибоев тавассути нашриёти «Само-нашр» ба чоп расидааанд.

Бояд гуфт, ки ҳар ду китоб ба масъалаҳои мубрами оилаи тоҷикон (ин муаммоҳо дар оилаҳои ӯзбекон низ ҳастанд) бахшида шудааст. Муаллифи асар дар воқеаву ҳодисаҳое, ки дар оила ва маҳаллаи тоҷикон рӯй медиҳанд, иштирок кардааст. Гулсифат муаммоҳои оилавиро дар байни ҳаммиллатонаш дида ором нишаста наметавонад. Муаллиф дар интихоби номи қаҳрамонҳо низ эътибори махсус додааст, номҳо аксар тоҷикианд. Дар китоби «Ҳамсоягони нозанини ман» Зебо, Шодӣ, Лола, Марворид, Нигора, Раъно, Даврон, дар «Аҳриман» – Озар Қурбонӣ, Садбарг, Нилуфар, Сарвиноз, Гулчеҳра, Ховар, Парвинхола, Анвар, Фарҳод ва Ширин…

Боз як ҷиҳати муҳим муаллиф аз шеъру ғазалҳои Мирзо Турсунзода дар мавзӯи зан, аз ҳадисҳои шариф, рубоиёти Умари Хайём хеле бамаврид истифода бурдааст, ки онҳо ҳусни асарро боз ҳам афзудаанд.

Асарҳо таваҷҷуҳи иштирокдорони маҳфилро ҷалб намуданд. Онҳо дар Ӯзбекистон чоп шудани ин китобҳоро табрик гуфтанд. Хусусан, сармуҳаррири «Шарқ юлдузи» – «Звезда Востока» Сироҷиддин Рауф, докторони илм Саида Шермуҳаммедова, Ҷаъфар Муҳаммад, ношир аз Лондон Марат Аҳмедҷанов, Шоири халқии Ӯзбекистон Абдулло Шер, раиси Маркази мадании тоҷикони ҷумҳурӣ Гуландом Субҳонова ва чанд нафар китобшиносон аз муҳимияти ин китобҳо дар ҳаёти маънавии мардум ибрози фикру андеша карданд.

Гулсифат Шаҳидӣ мегӯяд:

– Ба ростӣ, имрӯз барои оилаи мо ҷашн аст. Медонед, ки мусиқа ва сухан ҳамеша тавъаманд. Ин ҷо иштироки ҳамсарам, оҳангсоз Толибхон Шаҳидӣ ба ман нирӯ мебахшад. Шукри Худованд, ки чунин ҳамсар ва фарзандони меҳрубон дорам, ки барои нашри китобҳоям ёрӣ медиҳанд. То имрӯз 32 китобам дар шаш забони дунё чоп шуд. Хеле мехоҳам, ки байни ману хонандагони китобҳоям робитаи мутақобила бошад. Мо якдигарро ба воситаи китоб ва мусиқӣ бояд шиносем. Ман шодам, ки акнун китобҳоямро дар Ӯзбекистон – ватани бобоии мо низ меҳонанд.

Дар хотима оҳангсози варзида Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, барандаи чандин ҷоизаи байналмилалӣ Толибхон Шаҳидӣ баъди суханҳои дилпазир сари фортепиано нишаста, ба навохтани мусиқӣ пардохт. Ҳунарпешаи халқии Ӯзбекистон ва Тоҷикистон Матлуба Дадабоева таронаҳоеро, ки муаллифашон Зиёдулло Шаҳидӣ буданд, иҷро намуд. Шунидани таронае бар шеъри Мирзо Турсунзода бо байти:

Хонаи мо он қадар
ҳам дур нест,
Гарчи дар чашми шумо
манзур нест.

хаёли ҳозирони маҳфилро ба олами завқбахши мусиқии тоҷикии касбии солҳои 70-уми асри XX бурд. Инчунин сурудҳои ҳунарпешагони номӣ Марям Сатторова, Аҳмадҷон Дадаев, Абдуллоҷон Раҳимҷонов ба маҳфили онрӯза шукӯҳи хоса бахшиданд.

Шоқаҳҳор САЛИМОВ,
узви иттифоқҳои журналистони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон.

БА ЯК ҶАВОН ЧИЛ ҲУНАР КАМ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Он замон дар муҳити кӯҳистон, ки аз маркази ноҳия қариб 100 км. дур аст, дастаи ҳунарие вуҷуд надошт, то чорабиниҳои фарҳангии мактаб, тӯю сури мардумро обод созад. Баъди хатми мактаб, ҳини донишҷӯӣ ӯ тасмим гирифт, ки ин мушкилоти мактабу мардуми деҳаро осон созад. Аввалин шуда ба созмон додани дастаи ҳунарӣ камар баст. Ниҳоят, охири солҳои ҳаштодум як гурӯҳ ҳаваскорони санъатдӯстро сарҷамъ намуд. Писари устодаш Каримқул Бердиев – Баҳром Бердиевро, ки овози хуш дошту хуб ҳам менавохт, ҷалб намуда дастаи ҳунарии «Садои кӯҳсор»-ро созмон дода, тӯю сур ва маҳфилҳои ҳамдеҳагонро якҷоя обод мекарданд. Ин дастаи ҳунарӣ зиёда аз 10 сол фаъолият кард. Ҳоло низ ин ду дӯстони ҳунарвар маҳфилу суҳбатҳои хоссаро бо ҳунари ҳуд обод мекунанд.

БОҒПАРВАР

Хайруллоака солҳои 1999-2000 дар зодгоҳи ҳуд деҳаи Карш баробари омӯзгорӣ ва ровию ҳофизи маҳфилҳо будан бо кори хоҷагии қишлоқ низ шуғл варзидааст. Дар ин солҳо кишвари соҳибистиқлоли мо аз чиҳати иқтисодӣ ба душвориҳо рӯ ба рӯ шуда буд. Алалхусус, ҳаёти мушкили деҳот таҳозо дошт, ки барои пешбурди зиндагӣ бо корҳои хоҷагии қишлоқ низ машғул бишавӣ. Ӯ дар яке аз боғҳои калони деҳа, ки дар тасарруфи хоҷагии ҷамоавии Бобомурод Амонов буд, ба ҳайси саркор фаъолият намуда, муддати ду сол нақшаи солонаи боғпарвариро барзиёд иҷро кард ва аз ҷониби раёсати хоҷагӣ соҳиби мукофот – аспи зотии саворӣ гардид. Раҳбарияти хоҷагӣ маҳорати боғпарварӣ, муомилаи ӯро бо боғпарварон дида хостанд, ки корашро идома диҳад. Вале зарурат пеш омад, ки Хайруллоака аз кӯҳистон ба поён кӯчида, зиндагӣ ихтиёр кунад, муддате барои пешбурди зиндагӣ ба Русия низ сафар намояд. Дар мусофират ҳам чандин сол гурӯҳе созмон дода бо устоӣ, бунёди хонаву манзил машғул гардид.

ЗАВҚИ ШЕЪРУ ШОИРӢ

Хайруллоака мафтуну шайдои шеъру шоирист. Завқи шеърнависӣ дар ӯ ҳанӯз замоне, ки дар синфи ҳаштум мехонд, пайдо шуда буд. Алалхусус, маҳорараш дар навиштани шеърҳои ҳаҷвӣ бештар намоён мегардид. Оғози солҳои 90-уми асри гузашта замоне, ки ӯ дар мактаб кор мекард, миёни мардум аллакай шеърҳояш вирди забонҳо гашта буданд. Хурду калон шеърҳои ҳаҷвиашро мехонданд. Рӯзе бо таҳозои вазифа ба деҳаи Карш рӯзноманигор ва шоири ҳаҷвнигор шодравон Абдуқаҳҳори Маҳмадалӣ, ки ҳам нозири шуъбаи таълими халқии ноҳия ва ҳам масъули саҳифаи тоҷикии рӯзномаи «Субҳи Боботоғ» буд, ба мактаби онҳо омад. Ҳини санҷиши мактаб ба корҳои омӯзгории Хайрулло Раҳматов баҳои сазовор дода, шаб дар як тӯйи ҳамдеҳагон меҳмони ифтихорӣ гардид ва дид, ки Хайруллои ҷавон дар он ҳам фаъол, маҳфилоро аст. Абдуқаҳҳор аз ҳунари ровигӣ, шеърхонӣ, сароянда гии Хайруллоака воқиф гашта, ўро наздаш хонд ва гуфт, ки дастаи шеърҳояшро ба таҳririят ирсол дорад. Хайрулло иброз дошт, ки шеърҳояш ҳанӯз ба талаб ҷавобгӯ нестанд, вале Абдуқаҳҳор боисрор талаб кард, ки бифиристад. Шодравон Абдуқаҳҳор дар кашфи истеъдодҳои ҷавон ва дастгирии онҳо хидматҳои сазоворе кардааст. Ҳамин тавр бо дархости ӯ Хайрулло шеърҳояшро ба таҳririят равон сохт. Шеърҳо бо таҳriру тасҳеҳ чоп шуданд. Ин ба ӯ илҳому такони хуб бахшид. Мутаассифона, Абдуқаҳҳори Маҳмадалӣ бар асари маризӣ тарки ин дунёи фонӣ намуду Хайрулло ҳам як муддат аз шеърнависӣ даст кашид…

– Устод Каримқули шодравон, ки дар мактаб ба мо дарси мусиқӣ, инчунин ҳунари тор, рубобсозиро омӯхтаанд, усто Абдураззоқ, ки ҳоло дар остонаи синни сад қарор доранду думбра ва дигар асбоби рӯзгор месохтанд, падари бузургворам Насрулло Раҳматов, ки омӯзгор буданду ҳоло дар нафақаанд, дар таҳлили шеър зеҳни баланд ҳам доранд ва асбобҳои миллии мусиқиро бомаҳорат навохта месароянду замоне бо ҳунари оҳангарӣ ва чӯбкорӣ низ машғул будаанд, дар қалби ман ба шеъру шоирӣ, сароянда гӣ ва сохтани асбобҳои рӯзгор меҳру муҳаббат ҷой кардаанд. Аз нафароне, ки зикри номи муборакашон кардаму дар зиндагӣ барои ҳунаромӯзӣ ба ман хидмати беминнат намудаанд, як умр миннатдорам, – мегӯяд Хайруллоака.

Баъдтар вақте ба мусофират рафт, боз ба навиштани шеърҳои пурмазмун ва ғазал пардохт. Вале дар чопашон ҳамоно истиҳола мекард. Инҷониб, ки бо оилаи эшон дӯстӣ пайдо карда будам, аз ин хабар ёфтам. Дӯстии мо бо ин хонадон туфайли падари омӯзгораш Насрулло Раҳматов ва духтарашон, яъне хоҳари Хайруллоака – Заррина сурат гирифта буд. Он замон ҳанӯз бо Хайруллоака шинос набудем, зеро ӯ дар Русия кор мекард. Аз аҳли хонадону дӯстонаш мешунидам, ки ӯ шеър менависаду месарояд ва ҳунарманди хуб ҳам ҳаст. Ниҳоят бахти шинос шудан бо ӯ муяссар шуд. Дарёфтам, ки мардест хушсуҳбат, самимӣ, дилёб, фурӯтан, шикастанафс, ҳоҷатбарор… Ҳунармандест тавоно, устоест моҳир, сароянда ест хушсадо, маъниса ро ва шоирест ширинсухану болиғгӯ… Аз ин рӯ бо исрор, ба ҷону ҳолаш намонда, дастаи шеърҳояшро дар рӯзномаи «Ховар» чоп намудам. Онҳоро мухлисон хуб истиқбол карданд. Ҳоло ӯ дар пайи тартиб додани маҷмӯаи алоҳидаи шеъриаш аст. Бо таҳаллуси Аршӣ шеър мегӯяд.

Ба ӯ дар ин ҷода низ комёбиву муваффақиятҳо орзу мекунем.

Олим ПАНҶИЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-728.
Адади нашр 4195. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757
9 772010 775001

Муҳаррири навбатдор: Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯҳтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 21.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.